Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

11 ноябри соли 2015, чоршанбе, №46 (1025)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАЪОЛИЯТИ БОНКИ УМУМИҶАҲОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН МУАССИР АСТ

**Санаи 9 ноябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Ноиби президенти Бонки Умумиҷаҳонӣ оид ба минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ Сирил Мюллерро, ки бо нахустин сафари корӣ ба Тоҷикистон ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфт.**





# Мо муқобили исломи радикалӣ ва атеизми ҷанговар ҳастем

***Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, собиқ мушовири давлатии Президент Саидмурод Фаттоҳзода зимни як мусоҳиба бо мухбири нашрияи "Азия плюс" дар бораи сиёсишавии ислом ва оқибатҳои он, дигаргуниҳои назариёти Нурӣ, ришу ҳиҷоб, хиёнати Ҳоҷӣ Ҳалим, қумондони собиқи ОМОН ва дигар масъалаҳои муҳими рӯз ибрози назар намуд.***

*саҳ. 8*

Минбари халқ
11 ноябри соли 2015,
№46 (1025)

# ФАЪОЛИЯТИ БОНКИ УМУМИҶАҲОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН МУАССИР АСТ

*саҳ. 2*

Дар мулоқот доираи васеи масъалаҳои ҳамкорӣ, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои муштараки Тоҷикистон бо Бонки Умумиҷаҳонӣ баррасӣ гардид.

Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат Сирил Мюллерро барои ба вазифаи пурмасъулият - ноиби Президенти бонк таъин шуданаш, табрик намуда, вохӯрии имрӯзаро иқдоми муҳим дар таҳкими ҳамкорӣ байни Тоҷикистон бо ин ташкилоти бонуфузи молиявӣ арзёбӣ кард.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки **"Мо ба фаъолияти Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон баҳои баланд медиҳем, зеро дастгирии онро дар самтҳои мухталифи рушд, пеш аз ҳама дар соҳаҳои энергетика, инфрасохтор, кишоварзӣ, дастгирии буҷети давлатӣ, соҳаҳои иҷтимоӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок эҳсос менамоем".**

Сирил Мюллер аз имкони вохӯрӣ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳори хушнудӣ карда, аз ҷумла таъкид дошт: **"Мо аз мушкилоту эҳтиёҷоти Тоҷикистон, аз ҷумла хисороте, ки дар натиҷаи рух додани офатҳои табиӣ ба вуҷуд омад, хуб огоҳӣ дорем ва Бонки умумиҷаҳонӣ омода аст, ки ҳамкории худро бо кишвари шумо тавсиа бахшад".**

Зимни мулоқот доир ба роҳҳои татбиқи босамари Стратегияи нави ҳамкории Бонки Ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон барои солҳои 2015-2018, ки ҷудо намудани 250 миллион доллари амрикоиро, асосан дар шакли грант дар назар дорад, гуфтугӯйи созанда сурат гирифт.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Тоҷикистон, ҷудо кардани қарзҳои имтиёзнок, грантҳо, кӯмакҳои техникӣ, ҳамкорӣ дар самти амалисозии лоиҳаҳои хурду бузург, нақлиёт, идораи давлатӣ ва сиёсати иқтисодӣ, обтаъминкунӣ, бахши хусусӣ, тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ равона карда шуд.

Таҳияи лоиҳаҳои пешгирикунандаи офатҳои табиӣ, ҷалби маблағҳои иловагӣ барои барқароросозӣ ва соҳилбандии дарёҳои Тоҷикистон зарур шумурда шуд.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба татбиқи лоиҳаи хатти барқии CASA-1000 ва дигар лоиҳаҳои дорои аҳамияти минтақавӣ сурат гирифт.

Зимни гуфтугӯйи пурмуҳтаво ҷонибҳо ҳавасмандии худро баҳри таҳкиму густариши бештари ҳамкориҳо таъкид намуданд.

# МУЛОҚОТИ САРВАРИ ДАВЛАТ БО ҲАЙАТИ ПАРЛУМОНИ АВРУПО

**5 ноябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аъзои ҳайати Парлумони Аврупоро бо раҳбарии Ивета Григуле, ки ба шаҳри Душанбе ташриф овардаанд, ба ҳузур пазируфт.**



Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи таҷлили солгарди қабули Сарқонуни Тоҷикистон ташриф овардани ҳайати Парлумони Иттиҳоди Аврупоро фоли нек номида, изҳори бовар намуд, ки сафари онҳо ба рушди минбаъдаи муносибатҳои ду ҷониб такони нави созанда хоҳад дод.

**"Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ҷонибдори боэътимоди ҳамкории фарох бо Иттиҳоди Аврупо ва робитаҳо бо Аврупо ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвари мо пазируфта шудааст",** - таъкид дошт Эмомалӣ Раҳмон.

Роҳбари ҳайати Парлумони Иттиҳоди Аврупо Ивета Григуле дар навбати худ, аз ҷумла изҳор дошт: **"Мо Тоҷикистонро шарики хуб, боэътимод ва созандаи хеш дар Осиёи Марказӣ медонем".**



Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳ ва муҳтавои ҳамкории Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла бо Парлумони Иттиҳоди Аврупо изҳори қаноат карда, ҳамзамон таъкид дошт: **"Имрӯз дар раванди муносибатҳо масъалаҳои вобаста ба рушди ҳамкории иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти амниятӣ ба мадди аввал мебароянд".**

Дар ин робита ба рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои бунёдии иқтисоди Тоҷикистон чун **энергетика, саноат, кӯҳкорӣ** ва **кишоварзӣ** таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Аз ҷумла таъкид гардид, ки **"мусоидат ба татбиқи лоиҳаҳои энергетикии Тоҷикистон ин мусоидат ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию амниятии кишвари мо ва кулли минтақа бо фарогирии Афғонистон аст".**

Ҳамчунин атрофи раванди демократикунонии ҷомеаи Тоҷикистон, зарурати идомаи ҳамкорӣ дар самти таҳкими ҳифзи сарҳади давлатӣ бо Афғонистон, доир ба авзои кунунии Ховари Миёна ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

# МАШҒУЛИЯТҲОИ ОМӮЗИШӢ

**n ХАТЛОН. Бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, баҳри таҳким бахшидани фаъолияти ташкилотҳои ибтидоӣ ва дар сатҳи баланд ба роҳ мондани корҳои дохилиҳизбӣ, Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон як қатор корҳои амалиро роҳандозӣ намуда истодааст.**

*Ҷадвали баргузории семинарҳо оид ба омӯзонидани раисони ташкилотҳои ибтидоӣ ва фаъолони ҳизб ба шаҳру ноҳияҳо дастрас гардонида шуда, рафти амалӣ намудани он таҳти назорат қарор дода шуданд.*

*Семинарҳои омӯзишӣ - дастурдиҳӣ асосан дар ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии базавӣ-ғолибони озмуни вилоятии "Ташкилоти ибтидоии ҳизбии беҳтарин" бо ҷалби мутахассисони варзида, кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳуқуқшиносон, Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ ва дигар масъулон гузаронида шуданд.*

*Раванди семинар-омӯзишҳои баргузоргардида, бо такя ба санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, фарогири ҳамаи масъалаҳои дохилӣ-ҳизбӣ, ҳуҷҷатгузориву ҳуҷҷатнигорӣ, ташкиливу тарғиботӣ ва молиявӣ бо истифода аз усулҳои пешқадами иттилоотӣ ва аёнӣ сурат мегирифтанд.*

*Ин семинарҳо бо ҷалби аъзои Ситодҳои таблиғотии доимии ҳизбӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, гуруҳҳои мобилии таблиғотӣ, баргузор намудани чорабиниҳои оммавӣ, бо истифодаи васеи шиору овезаҳо бо рамзи ҳизб, аз қабили "Таблиғот тавассути бунёдкориву созандагӣ" баргузор гардиданд.*

*Зимни омӯзиш ба раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дастур дода шуд, ки дар кору фаъолияти рӯзмарраашон аз сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар гардида, дастовардҳои ҳизбу давлатро дар даврони истиқлолият махсус қайд намоянд. Инчунин дар баробари дар сатҳи баланд, ба роҳ мондани корҳои ҳизбӣ ба ҷашнҳои дар пешистодаи 21-солагии ташкилшавии ҲХДТ, 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҷашнҳои давлативу миллӣ омодагиҳои ҷиддӣ дида, баҳри дар сатҳи олӣ ба роҳ мондани корҳои таблиғотӣ ташаббускори асосӣ гарданд.*

**n ПАНҶ. Дар ноҳияи Панҷ бо иштироки ҳамаи раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизб машғулиятҳои омӯзишӣ оид ба тақвият бахшидани фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ, пешбурди корҳои дохилиҳизбӣ дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба фаъолияти ҳизб, Оинномаи ҲХДТ ва Барномаи пешазинтихоботии ҲХДТ машғулияти омӯзишӣ гузаронида шуд.**

Дар машғулият узви Раёсати Кумитаи иҷроияи ноҳия, муовини раиси ноҳияи Панҷ Марям Шарифзода, роҳбари дастгоҳи раиси ноҳия Ҳусейн Нидоев, се нафар вакилони халқи ноҳия аз ҲХДТ иштирок намуданд.

Сараввал раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ Ёғибек Носиров оиди мақсаду мароми ин машғулияти омӯзишӣ сухани ифтитоҳӣ намуда, баъдан дар мавзӯи "Вазифаҳои оинномавии ташкилотҳои ҳизбӣ" маърӯза кард. Аз ҷумла зикр шуд, ки ҳуҷҷатгузорӣ ва корбарӣ, тартиби гузаронидани маҷлисҳои ҳизбӣ, тартиби протоколҳои маҷлисҳо, тарзи қабул ба сафи ҳизб, тартиб додани ҳисоботи оморӣ, тарзи хуб ба роҳ мондани корҳои таблиғотӣ, беҳтар намудани корҳои гурӯҳҳои таблиғотӣ, мобилӣ ва ташкилоти ҷамъиятии "Фарҳанги сиёсӣ", ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" бояд пайваста дар асоси Оинномаи ҲХДТ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии вобаста ба фаъолияти ҳизб равона карда шаванд.

Баъдан мудири шуъбаи ташкилӣ ва таблиғотии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Тоҳир Ҳошимов оиди ташкил ва гузаронидани "Рӯзҳои ҲХДТ дар деҳот", таъмини иштироки аъзои ҳизб дар чорабиниҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ, таҳти назорати доимӣ гирифтани аъзои ҳизб дар ташкилотҳои ибтидоӣ, таъмини иҷрои нақша-чорабиниҳои ташкилотҳои болоии ҳизб, гузаронидани соатҳои сиёсӣ ва ба мардум аз наздик шинос намудани дастовардҳои даврони истиқлолият, ба таври муфассал маълумот дод.

Инчунин дар машварати омӯзишӣ узви Раёсати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, раиси гуруҳи вакилони ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, муовини раиси ноҳия дар бораи гузаронидани чорабиниҳои таблиғотӣ, аз ҷумла байни занону ҷавонон, оилаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ходимони дин, занону ҷавонони муваққатан бекор ва ҷалби онҳо ба корҳои фоиданок, пешгирии гаравидани ҷавонон ба созмонҳои ифротиву тундгаро ва ниёз надоштани дини мубини Ислом ба ҳизб мавқеи назари хешро баён намуд.

Аз ҷумла, ӯ гуфт, ки гурӯҳҳои зиёди ғайрирасмии исломӣ дар Осиёи Миёна ва хоса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла "Ҳизби исломии Туркистони Шарқӣ", "Ҷамоати таблиғ", "Акрамия", "Салафия", "Ҳаракати исломии Ӯзбекистон", ҲНИТ ва амсоли онҳо махфиёна кору фаъолият доранд, ки ҳар яки моро лозим аст, ки бо ҳушёрии сиёсии худ ҳадафу мароми онҳоро дар ҷомеа фаҳмонда тавонем.

Феълан дар шуури иддае аз афроди ҷомеаи мо , мутаассифона арзишҳову идеалҳои мазҳабӣ ва каромоту корнамоиҳои ривоятиву хурофотӣ, нисбат ба арзишҳову идеалҳои námilliву давлатӣ нуфуз ва таъсири худро доранд.

Табиист, ки нерӯҳои манфиатҷӯ бо такя ба чунин вазъи маънавии ҷомеа аз идеологияи диниву мазҳабӣ сӯистифода карда, метавонанд ба осонӣ як қисми мардумро зери нуфузи худ қарор диҳанд ва мушкилоти сиёсию иҷтимоиро ба вуҷуд оваранд.

Аз ин лиҳоз дар назди ташкилотҳои ҳизбӣ, узви ҳар як аъзои ҳизби мо вазифаҳои масъуле истодаанд, ки мо бояд пайваста бо мардум бошем.

Дар поёни чорабинӣ ба раисони ташкилотҳои ибтидоӣ баъзе ҳуҷҷатҳои намунавии корбарии ҳизбӣ ҳамчун аёният дастрас карда шуд.

**"МХ"**



**n РАШТ. Тибқи супориш ва дастури Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз 2 то 5 ноябри соли равон аз ҷониби кормандони Дастгоҳи КИМ ҲХДТ миёни вакилони Маҷлисҳои вакилони халқи навоҳии минтақаи Рашт курсҳои омӯзишӣ дар мавзӯи "Халқбаёнгар ва сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ" баргузор гардид.**



**ОМӮЗИШИ** мазкур 2-3 ноябр дар ноҳияҳои Ҷиргатолу Тоҷикобод ва 4-5 ноябри соли равон дар навоҳии Рашт ва Нуробод гузаронида шуд. Дар ин курсҳои омӯзишӣ Абдулло Раҳмонзода ҳуқуқшиноси Дастгоҳи КИМ ҲХДТ дар мавзӯи "Асосҳои ҳуқуқии интихоб ва фаъолияти вакили маҷлиси вакилони халқ", Маҳмадулло Наимов-номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент дар мавзӯи "Ҳокимияти маҳаллӣ-нерӯи созанда ва бунёдкор" ва Аброр Мирсаидов-муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор дар мавзӯи "Ҷанбаҳои илмии ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ" баромад намуданд.

Ҳамчунин дар ин омӯзиш зарурати баррасии муроҷиати шаҳрвандон, нақши вакил дар идоракунии маҳал, усулҳои таҳия ва амалисозии Барномаи рушди иқтисодӣ, ваколат ва фаъолияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мавзуъҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта , вазифаҳои вакилон муайян карда шуданд. Зикр шуд, ки вакил бояд дар иҷрои вазифаҳои худ буда, баҳри татбиқи барномаҳои давлатӣ нерӯи хешро равона созад ва доимо бо интихобкунандагонаш ва умуман мардуми маҳал дар иртибот бошад. Аз 3000 вакили маҳаллӣ 98% намояндагони ҲХДТ-ҳизби созанда ва пешбари ҷумҳурӣ ҳастанд, ки ин омил ба фаъолияти онҳо масъулияти баландеро зам мекунад. Мақсади асосии гузаронидани чунин омӯзишҳо-баланд бардоштани ҳисси масъулият ва сатҳи касбии вакилон аст, ки ба манфиати кор дар ҷодаи роҳандозӣ намудани барномаҳои созандаи Ҳукумат ва Давлати Тоҷикистон мебошад.

Дар доираи ин сафар ҳамчунин аз ҷониби ҳуқуқшиноси Дастгоҳи КИМ ҲХДТ миёни ҷавонон-муҳассилини коллеҷи тиббӣ ва Донишкадаи омӯзгории ноҳияи Рашт оид ба хатари шомил шудан ба гурӯҳҳои ифротгаро, муқовимат ба таъсири фарҳанги бегона ва роҳҳои пешгирии гаравидани насли ҷавони кишвар ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ баромадҳои пурмуҳтаво доир карда шуд.

**Азамат ДӮСТОВ**

# МО МУҚОБИЛИ ИСЛОМИ РАДИКАЛӢ ВА АТЕИЗМИ ҶАНГОВАР ҲАСТЕМ



**Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, собиқ мушовири давлатии Президент Саидмурод Фаттоҳзода зимни як мусоҳиба бо мухбири нашрияи "Азия плюс" дар бораи сиёсишавии ислом ва оқибатҳои он, дигаргуниҳои назариёти Нурӣ, ришу ҳиҷоб, хиёнати Ҳоҷӣ Ҳалим, собиқ қумондони ОМОН ва дигар масъалаҳои муҳими рӯз ибрози назар намуд.**

**- Қариб як сол мешавад, ки шумо дар ин мақом фаъолият доред. Оё дар ин давра дар кори ҳизб ягон тағйирот ба амал омад? Оё ягон пешрафти қобили мулоҳиза ба мушоҳида мерасад?**

-Дар ин маврид пешрафтҳои мо агар гӯем, ки қобили мулоҳизаанд, иштибоҳ намешавад. Чуноне ки хонандаи арҷманд огаҳӣ дорад, ба таърихи 13 декабри соли 2014 ҳизби мо Анҷумани навбатии XII худро доир намуд. Дар он бештар аз 1200 нафар вакилон аз саросари ҷумҳурӣ иштирок доштанд. Рӯйдоди муҳими Анҷумани мазкур суханронии пешвои ҳизби мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Ӯ барои беҳдошти фаъолияти ҳизб дар ҳамаи зинаҳо дар назди кулли ҳизбиён вазифаҳои мушаххас гузошт. Дар маърӯза ҳамзамон таъкид гардид, ки тамоми кӯшишу ғайрати ҳизб, фраксия, гурӯҳҳои он дар парламент ва маҷлисҳои минтақавӣ бояд ба баланд гардидани сатҳу сифати зиндагонии сокинони мамлакат равона карда шавад. Дар Анҷуман корҳои анҷомдодашуда ҳамаҷониба таҳлил гардида, барои фаъолияти самараноки минбаъда такони нав дода шуд.

Ман ба сифати Муовини якуми Раиси ҲХДТ дар ин марҳила бо дастури Раиси муаззами ҳизб бо командаи нав корҳои анҷомёфтаро аз нав дида баромада, бо назардошти воқеияти кунунӣ дар назди худ вазифаҳои мушаххас гузоштем. Дар ҳамин замина имкониятҳои худро барои муваффақона гузарондани интихобот сафарбар намуда, дар мубоsúризаи рақобатнок ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гаштем. ҲХДТ на танҳо дар парлумон аксарияти курсиҳоро соҳиб гашт, балки дар тамоми маҷлисҳои маҳаллӣ бештарини ҷойҳоро ба даст овард.

Ҳамчунин мо ба он ноил гаштем, ки фаъолияти ҳизбамон расонаӣ ва оммавӣ гардад. Робитаҳои мо бо матбуот хеле қавӣ гашт. Дар фаъолияти ташкилотҳои ҳизбамон аз бисёр муқаррароти кӯҳнашуда ва технологияҳои қолабӣ даст кашидем.

**-Ба кори ҳизб дар миёни мардум чӣ гуна баҳо медиҳед? Оё камбудиҳое низ ҷой доранд, ки онҳоро мебояд ислоҳ кард?**

-Барои ҳар кадом ҳизб маҳаки асосии баҳо додан ин боварии халқ аст. Дар интихоботи гузашта маҳз ҳамин меъёр, яъне боварии халқ ба мо имкон дод, ки ба пирӯзӣ бирасем. Албатта, ин боиси хурсандӣ аст, вале набояд аз чунин комёбӣ хотирҷамъ гардем. Гузашта аз ин набояд аз камбудиҳо чашм пӯшем. Дар ҳама давру замон ҳизби ҳоким объекти интиқоди шаддиди мухолифон буд. Мо инро ба таври муқаррарӣ қабул мекунем, зеро ки ҳама гуна танқиди беғараз ва одилона омилҳое ҳастанд, ки ба фаъолияти худ аз паҳлу баҳо диҳӣ. Рақобати сиёсии солим ҳизбро бештар қавӣ мегардонад. Аммо мутаассифона, на ҳама вақт танқид одилона, балки баъзан аз рӯи ғараз сурат мегирад.

Мо чунин меҳисобем, ки маҳз муколамаи мустақим бо мардум имкон медиҳад, ки ҳама гуна мушкилоту проблемаҳо ба таври самаранок ҳаллу фасл гардад. Бинобар ин мо ният дорем, ки корро бо ташкилотҳои ибтидоӣ пурзӯр намоем, зеро ки онҳо мустақиман бо мардум сару кор доранд. Мо сафҳои ҳизбро тақвият мебахшем, бо гуруҳҳои ҳизбиамон дар маҷлисҳои маҳаллӣ корро вусъат мебахшем, ҷобаҷогузории кадрҳоро бознигарӣ мекунем, аъзои навро ба сафҳоямон ҷалб менамоем ва бо ҷомеаҳои маҳаллӣ фаъолона кор мебарем.

**-Бо вуҷуди ин нозирони байналмилалӣ натиҷаҳои интихоботи парламентии гузаштаро танқид карданд, коршиносони маҳаллӣ низ аз он эрод гирифтанд. Шумо ба танқиди онҳо чӣ посух медиҳед?**

-Ман фаъолияти нозирони байналмилалиро муҳокима карданӣ нестам, аммо, мутаассифона, бисёриҳо мушоҳида кардаанд, ки солҳои охир дар таҷрибаи мушоҳидони байналхалқӣ кишварҳоро ба "қулай" ва "ноқулай" тақсим мекунанд. Гузориши онҳоро дар мавриди интихоботи баъзе ҷумҳуриҳо хонда, баъзан беихтиёр ба чунин хулоса меоӣ, ки онҳо дар ҷое хасакеро мебинанду дар ҷои дигар ҳатто кунда аз назарашон дур мемонад. Масалан, дар Афғонистон, ки баъзе вилоятҳояш таҳти тасарруфи гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ қарор дораду, баргузории интихоботи каму беш демократӣ аз аввал зери суол аст, онро нозирони байналмилалӣ демократӣ ҳисоб мекунанд. Яъне, ҳамааш ба қавле "дар доираи қонун" аст. Лекин дар Қазоқистону Белорус, ки роҳбаронашон дар миёни мардум маҳбубият доранд, гӯё ҳуқуқи интихобкунандаҳоро вайрон мекунанд.

Тааҷҷубовар нест, ки интихоботи моро низ баъзе нозирони байналмилалӣ танқид карданд. Мояи ҳайрат он аст, ки онҳо дастовардҳои солҳои охири моро дар бахши демократисозии ниҳодҳои ҷамъиятӣ намебинанд.

Агар авзои солҳои охирро бодиққат таҳлил кунем, ба дурустӣ дарк мекунем, ки мақомоти қонунгузор барои демократикунонии ҷомеа ва шаффофияти интихобот дар кишвар ба иқдомҳои ҷиддӣ даст задаанд. Интихоботҳои охири мо барои ташаккули аҳзоби ҳақиқӣ ва таҷаддуди сохтору фарҳанги иттиҳодияҳои сиёсии нав саҳнаи муносибе буданд. Фикр мекунам, инро на танҳо аҳолӣ, ки интихобкунандаҳои асосии мо ҳастанд, мушоҳида намуданд, балки нозирони байналмилалӣ ва коршиносон ҳам бо чашми худ воқеияти онро диданд. Шояд ба ҳамин сабаб бошад, ки баъди эълони натиҷаҳои интихоботи ахири мо дар муқоиса ба маъракаҳои гузашта аз ҷониби мухолифон эродҳои ҷиддӣ ироа нашуд.

**-Ба ҳар сурат суоле пайдо мешавад, ки чӣ гуна аҳзобе, ки дар бораашон чизе шунида намешуд, монеаи панҷфоизаро гузаштанд?**

-Тайи солҳои охир ҷаҳон бо суръат тағйир хӯрда истодааст ва табиист, ки назару андешаҳои сиёсӣ дар бисёр кишварҳо вобаста ба авзоъ низ дигар мешаванд. Ин раванди муътадил аст. Дар олами имрӯза мо мушоҳида мекунем, ки чӣ гуна баъзе аҳзоби анъанавӣ маъруфияти худро аз даст дода, баръакс, нерӯҳои нави камнуфуз бошад, босуръат мавқеъ пайдо мекунанд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо метавонад, интихоботи ахири Парлумони Аврупо бошад, ки бидуни интизори ҷонибдорон ва коршиносон аҳзоби ба ном "евроскептик"-ҳо (мухолифони иттиҳоди аврупо) якбора дар миёни мардум машҳур шуданд.

Тоҷикистони мо ҳам дар ин маврид истисно нест. Дар мо низ чунин авзоъ ба назар мерасад. Яъне, бахше аз электорат ақидаҳояшонро дигар карда истодаанд. Дар ин ҷо мо бояд ба далелҳо руҷуъ намоем. Агар дар мавриди Ҳизби аграрӣ, ки ба қавли шумо "дар бораащ амалан чизе шунида намешуд", мулоим карда гӯем, нодуруст аст. Тоҷикистон кишвари аграрӣ аст. Ҳеҷ мумкин нест, ки дар миёни мардум бахше набошад, ки ислоҳоти аграриро напазирад. Дар ҷомеаи мо одамони зиёде ҳастанд, ки ғояҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоиро низ ҷонибдорӣ мекунанд.

Аз ҷониби дигар аҳзобе, ки дар гузашта обрӯ доштанду ба таври анъанавӣ дар парлумон курсиҳоро соҳиб мешуданд, вақтҳои охир бинобар камфаъолиятӣ дар ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ натавонистанд садди панҷфоизаро убур кунанд. Бинобар ин ҷои онҳоро аҳзоби нисбатан фаъол, рақобатпазир бо назариёту барномаҳои нав ишғол намуд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳукумат онҳоро ба канораҳои саҳнаҳои сиёсӣ набурдааст, балки худи мардум дигар нахостанд, ки онҳоро дар бинои парламент бинанд. Гузашта аз ин низоми ҳозираи сиёсӣ аз нуқтаи назари интихобу рақобатнокии аҳзоби сиёсӣ ба шакли дуруст фаъолият дорад. Фикр мекунам, дар мамлакат нерӯҳои муътадили лозимии мухолиф ҳастанд, ки дар парлумон бахши мардумро намояндагӣ кунанд.

**-"Ин аҳзоб" гуфта, шумо ҳизби наҳзати исломӣ ва ҳизби коммунистиро дар назар доред?**

-Дар бораи ҲНИТ ман дар мақолаи худ бо номи "Интихоби мо чӣ маъно дорад?", ки дар ВАО чоп шуд, навишта будам. Дар он сухан дар бораи идеологияи коммунистӣ ва исломӣ мерафт, ки моҳиятан ҳарду идеологияи томгаро мебошанд. Онҳо дигарандеширо гӯши шунидан надоранд. Яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ниҳояти асри гузашта дар Тоҷикистон ин ҷанги ду идеология-коммунистӣ ва исломи сиёсӣ мебошад. Муқовимати ин ду идеология ба фалаҷ гаштани сохторҳои давлатӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ овард.

**-Аз он давра вақти зиёде гузашт ва аҳзоби сиёсӣ ба таври мусолиматомез фаъолият доштанд. Имрӯз чӣ гап гузашт?**

-Ба гумонам, агар ҳоло Саид Абдуллои Нурӣ мебуд, ҳизби исломӣ дар чунин вазъият намеафтод. Аммо далеле, ки дар соли 2010 ҲНИТ фаъолияташро дар Шӯрои ҷамъиятӣ манъ кард, ин занги аввали худи наҳзатиҳо буд, ки худро аз ҳамзистии мусолиматомез канора гирифт. Зеро ки маҳз Шӯрои ҷамъиятӣ барои нигоҳдории сулҳу субот дар мамлакат масъулият дорад. Инкишофи минбаъдаи воқеаҳо ва натиҷаҳои пешакии тафтишот нишон доданд, ки доираҳои муайян ва роҳбарияти ин ҳизб дар кӯшиши табаддулоти давлатӣ даст доштаанд.

Бинобар ин ман чунин меҳисобам, аҳзобе, ки дар заминаи исломи сиёсӣ ташкил шудаанд, дар ниҳоят аз тактики террор кор мегиранд. Барои мисол "Бародарони мусулмон" -и Мисрро гирем, ки баъди ба сари ҳокимият омаданаш мардум ҳис кард, ки онҳо дар мавриди роҳандозии ислоҳоти демократию иқтисодӣ омода нестанд. Дар натиҷа артиш ташаббусро ба дасти худ гирифт. Он чизе, ки имрӯз дар Сурия мегузарад низ натиҷаи сиёсисозии ислом мебошад. Бинобар ин ба андешаи ман танҳо давлати дунявӣ қодир аст, ки ин идеологияҳо, аз ҷумла исломиро ба мусолиҳа биёрад. Бояд мо мухолифи идеологияи радикалии ислом ва атеизми ҷанговар бошем.

**-Яъне, лозим аст, ки ба Конститутсия дар бораи мавҷудияти ду идеология- динию атеистӣ тағйирот ворид гардад? Зимнан, дар ин бора имомхатибони ҷумҳурӣ дар намози рӯзи ҷумъаи худ ибрози андеша карданд...**

-Ман мехоҳам ин фикри худро асоснок намоям, ки барои чӣ мо мухолифи исломи сиёсӣ ва атеизми ҷанговар бошем? Дар ин ҷо пешниҳодҳои имомхатибони минтақаи Рашт ва назари мулло Абдураҳимро, ки яке аз асосгузорони ҲНИТ буд, зикр намудан ба маврид аст. Дар мулоқоти Президент бо аҳли ҷамоатчигӣ дар соли 2013 суханронии ӯ як навъ рози дил гуфтан ва тавба буд. Ӯ гуфт, ки дарвоқеъ замоне, ки мо муқобили низоми коммунистӣ мубориза мебурдем, фикр мекардем, ки барои ин ҳақи маънавӣ дорем.

Аммо вақте ки дар Афғонистон афтодем, фаҳмидем, ки масъала ва ё проблема аз он чи ки ҳаст фаротар будааст. Дар он ҷо нерӯҳои дигари хосияти байналмилалӣ дошта буданд, ки гурӯҳҳои террористиро маблағгузорӣ мекарданд ва кӯшиш менамуданд, ки низому давлатҳои дунявиро барҳам зананд. Мо бошем дар дасти ин доираҳо бозичае беш нестем. Ҳамон вақт ӯ гуфта буд, ки ислом моҳиятан ба ҳизби сиёсӣ ниёз надорад. Зеро ки ташкили ҳизби сиёсӣ исломро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад. Ба фикри ман имом-хатибон беҳуда зидди сиёсисозии ислом баромад накардаанд. Воқеаҳои Шарқи Наздик ва Шимоли Африқо албатта ба табъи эътиқодмандони дин дар кишвари мо, таъсири ҷиддӣ расонд. Чунки онҳо бо чашми худ диданд, ки чӣ гуна зери шиори ислом террори рӯирости аҳолӣ ва куштори даҳшатбори асримиёнагӣ сурат мегирад.

Имрӯз мо дида истодаем, ки дар тамоми дунё зуҳуроти исломбадбинӣ доман паҳн карда истодааст. Бинобар ин шакли беҳтарини давлатдорӣ ба андешаи инҷониб давлати дунявӣ мебошад. Дар чунин давлат дин ба кори хусусӣ табдил меёбад. Ман ҳам тарафдори адами руҳоният нестам. Ба андешаи ман ислом ҳамчун таълимоти ахлоқӣ, ки талқинкунандаи принсипҳои волои ахлоқӣ мебошад, ба мардум таъсири бузург мерасонад. Чаро мо ин неруро барои тарбияи ҷавонон истифода накунем? Аммо ин бояд зиндагии хусусии ҳар шахс бошад. Чунин имкониятҳоро бояд барои намояндагони ҳамаи динҳо, на танҳо мусулмонон, балки барои масеҳиҳо ва яҳудиҳо низ фароҳам биёрем, то ки онҳо талаботи руҳонии худро қонеъ гардонанд.

**-Аз ин бармеояд, ки риш мондану ҳиҷоб пӯшидан кори шахсии ҳар шахс аст ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ба ин кордор бошад?**

-Оид ба ин масъала ман назари шахсии худро гуфтан мехоҳам. Дар забони русӣ чунин мақоле ҳаст: "Аблаҳро гуфтанд, ки Худоро саҷда кун, ӯ бошад пешониашро зада кафонд". Чуноне ки дар мо мегӯянд "Ба ҷои салла каларо оварданд". Ин гуна ҳолатҳо буданд, ҳатто дар ин маврид изҳороти ВКД ҳам интишор ёфт, ки ин амал сиёсати ғайрирасмӣ аст. Чунин дастур ҳам вуҷуд надошт, ки мардонро дастгир намуда, ришашонро тарошанд ва ё ҳиҷоби занҳоро барандозанд. Масъалаи дигар дар мавриди муассисаҳои расмӣ аст, ки дар онҷо бояд ягон меъёр, қоидаи пӯшидани либос, тозагии шахсӣ (гигиена) мавҷуд бошад. Бинобар ин ман ҷонибдори он ҳастам, ки принсипҳои дунявият риоя гарданд. Он тарафаш чуноне гуфтем, ихтиёри ҳар кас аст.

**-Бори дигар ба суоли мавҷудияти ҳизби динӣ баргаштан мехоҳам. Дар ин маврид ман ҳамин хел фаҳмидам, ки ба ҳар сурат бояд ба Конститутсияи мамлакат тағйирот ворид бояд кард?**

-Дар тӯли 18 соли охир ҳизби динӣ дар саҳнаи сиёсии кишвари мо расман амал карда, асосан ба ривоятбофӣ ва сиёсисозии дин машғул гардид, ки ба асосҳои конститутсионии ҳаёти сиёсии кишвар мувофиқат намекард. Аз рӯи адолат аст агар бигӯем, ки пешниҳод дар бораи бастани ҲНИТ дар давоми чанд соли охир аз ҷониби баъзе аъзои фаъоли ҳамин ҳизб ба миён омада буд.

Ман фикр мекунам, ки ҳазф намудани масъалаи таъсиси аҳзоб дар заминаи динӣ ва атеистӣ аз моддаи 28 бояд тариқи раъйпурсӣ ҳал карда шавад. Зеро ки дар ин ҷо зиддият ҳам ҳаст. Он вақт, албатта ин натиҷаи муросо буд, ки барои нуқта гузоштан ба ҷанги шаҳрвандӣ анҷом дода шуда буд. Аммо ҳизби исломӣ, ки бо моҷаро иртибот дошт, дар ниҳояти кор боз рӯ ба кӯшиши табаддулоти ҳарбӣ овард. Вақте онҳо дарк намуданд, ки мардум ғояи бунёди низоми исломиро дастгирӣ намекунад, ба воситаи тарсондану террор ба ҳадафҳои худ ноил гаштан хостанд. Ин ҳолат на танҳо дар ҷумҳурии мо ба амал омад, балки дар бисёр кишварҳои исломӣ низ сурат гирифта истодааст. Бинобар ин барои худҳифозатӣ беҳтар аст, ки исломро сиёсӣ накунем. То ки бозингарони беруна аз он истифода набаранд. Кӯшиши табаддулоти ҳарбӣ дар сатҳи муовини вазири мудофиа ва фикри ман ин дархости доираҳои муайян дар хориҷи кишвар буд. Зеро ки ин шахс дар вазифаҳои баланд кор мекард, камбағал ҳам набуд. Аммо суоли матраҳ ин аст, ки барои чӣ ба ин кор иқдом намуд? Табиист, ки касе маблағ мепардозад, мусиқиро ҳам фармоиш медиҳад. Ҳамин тариқ ӯ низ супориш иҷро мекард ва дар ҳавои оҳанги дигарон мерақсид.

**-Шумо гуфтед, ки агар Саид Абдуллои Нурӣ мебуд, ҲНИТ дар чунин вазъият намеафтод. Барои чӣ? Оё шумо бо эшон шинос будед?**

-Ман бо ин кас шахсан шинос набудам. Бори аввал дар бораи ӯ аз тариқи мақолаи рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" маълумот гирифта будам. Ин соли 1987 буд, ки он вақт ман баъди бозгашт аз Афғонистон барои кор ба сифати журналист ба ин нашрия омада будам. Ёд дорам ҳамон вақт ба идораи рӯзнома чанд нафар ҷонибдорони Нурӣ зада даромада, таҳдид намуданд, ки муаллифи мақоларо ҷазо доданианд. Ҳамон вақт ман фаҳмидам, ки ин одам пешвои созмони ғайрирасмии динӣ ва сабтиномнашуда мебошад. Нафарони ба ғазабомада тарафдорони ӯ буданд ва яқин буд, ки ҳеҷ гуна интиқодро ба унвони пешвои рӯҳонии худ қабул надоранд. Шиносоии ман бо ин одам ҳамин тариқ сурат гирифта буд.

Ба андешаи ман бисёр корҳо ба пешвои сиёсӣ робита дорад. Агар Нурӣ зинда мебуд, имрӯз ҳизби исломӣ ба чунин ҳол гирифтор намешуд, аз ҷониби роҳбарияти ҳизб хиёнат сурат намегирифт, онҳо ба тавтеаи ҳоҷӣ Ҳалим гирифтор намешуданд. Дар ин маврид Нурӣ сазовори эҳтиром аст.

**-Аммо ба наздикӣ Маркази исломшиносӣ масъалаеро бардошт, ки дар гуфтаҳои Нурӣ ғояҳои ифротӣ мавҷуд будаанд. Барои чӣ ин масъала имрӯз бардошта шуду панҷ сол ё даҳ сол пеш не?**

-Марҳум Нурӣ дар оғози фаъолияти сиёсии худ, ки ба давррони рушди сохти коммунистӣ рост меомад, дар мавриди низоми давлатдорӣ дар сар андешаҳои радикалӣ дошт. Истисно нест, ки дар гуфтаҳои ҳамон даврааш ғояҳои ифротӣ низ вуҷуд дошт. Аммо баъди ворид шудан ба равандҳои сиёсии минтақавӣ ақидаҳояш тағйир ёфтанд ва ӯ ба иштибоҳҳояш қоил шуда, ба вазъият баҳои воқеӣ дод. Таърих собит намудааст, ки ба фаъолияти ягон нафар баҳо додан танҳо баъди гузашти вақти муайян имконпазир аст. Маркази исломшиносӣ низ ҳақ дорад, ки ҳамчун мақоми босалоҳияти давлатӣ таҳлили худро анҷом диҳад ва натиҷаи онро ба муҳокимаи ҷомеа манзур намояд.

**-Имрӯз мегӯянд, ки ҲНИТ ва Назарзода дар давоми панҷ соли охир нақша доштанд, ки табаддулоти давлатӣ намоянд. Барои чӣ дар бораи ин нақша дар тӯли панҷ сол чизе маълум набуд ва якбора дар чанд шабонарӯз ҳамааш аён шуд?**

-Раванди демократисозии ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ дар ҷумҳурӣ барои ташаккул ва рушди ҳизбу ҳаракату созмонҳои мухталиф шароити мусоиде эҷод намуд. Ва табиист, ки намояндагони ҷомеаи шаҳрвандии кишвар, ки дар ин ё он муассисаи давлатӣ кор мекунанд, ҳамзамон узви ташкилотҳои номбурда ҳастанд. Ба ибораи дигар дар байни кормандони муассисаҳои давлатӣ афроде низ ҳастанд, ки бо ин ё он васила бо ҳизбу ҳаракатҳо, аз ҷумла бо радикалҳо алоқа доранд, ки дар марҳилаи аввал инро пайхас кардан душвор аст.

Нахуст, тибқи ғояе, ки онҳо доранд, бояд аз рӯи муқарраротӣ касбию пинҳонкорӣ фаъолият дошта бошанд. Онҳо ҳамеша дар назди худ ҳадафҳои мушаххас ва ҷиддӣ мегузоранд, ки он ба оштинопазирӣ, фаъолияти тахрибкорӣ ва шикасти сохтори давлатӣ нигаронда шудааст. Чӣ хеле медонед, онҳо ҳеҷ вақт пешакӣ дар бораи табаддулоти давлатӣ ва бо зӯрӣ ғасб намудани ҳукумат изҳорот намекунанд ва мақсадҳои худро ҳам ошкоро эълон намедоранд. Мутаассифона, Назарзода аз ҷумлаи чунин ашхос буд ва танҳо дар вазъи ба амал омада худро ифшо намуд.

Дар ин ҷо лозим аст, ки касбияти олӣ ва амали бонизоми сохторҳои қудратиро, ки вазифаи худро ба ҷо оварда, кӯшиши шӯриши мусаллаҳонаро пешгирӣ намуданд, махсусан зикр кард.

**-Мо ҳароина аз ҳеҷ кас дар мавриди он, ки дар мақоми болоии Вазорати мудофиаи ҷумҳурӣ шахсоне низ фаъолият доштан, ки тибқи фарзияи тафтишот ба сулҳу суботи мамлакат хавф доштаанд, ҳанӯз шарҳе нашунидем. Дар ин маврид чӣ фикр доред?**

-Биёед, ба таърихи на чандон дури худамон назар андозем. Дар натиҷаи ба имзо расидани санади сулҳ ба ризоияти миллӣ байни ҳукумат ва ИНОТ беш аз панҷ ҳазор нафар аз мусаллаҳони оппозитсия ба сафҳои воҳидҳои низомии Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои интизомӣ шомил гаштанд. Мо умед доштем, ки ин одамон иштибоҳи худро фаҳмида, минбаъд ба халқу Ватан содиқатмандона хизмат мекунанд. Аммо афсӯс, ки мақоли "Оқибат гургзода, гург шавад. Гарчи бо одамӣ бузург шавад" рост будааст.

**-Ин суолро имкон дорад ба Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ дар мавриди фирори қумондони ОМОН Гулмурод Ҳалимов низ диҳем. Яъне, ин фарзияро чӣ гуна ҳақ баровардан мумкин аст, ки ӯ қаблан аз ҷиҳати равонӣ бемор буду, якбора чунин вазифаро соҳиб шуд?**

-Одамон ғолибан аз ғояти гулию гарангӣ ё бевиҷдонӣ (бешарафӣ) ба иштибоҳ роҳ медиҳанд. Чуноне ки Монтескё гуфтааст: "Разолату фурӯмоягии калон дар заминаи нафрату бадбинӣ ва хурдаш аз тарс сурат мегирад". Мумкин Ҳалимов ягон навъ нафрат нисбати ҷомеаи секулярӣ (дунявӣ) дошта бошад. Баъди чанд пирӯзии ДИИШ дар Ироқу Сурия шояд тахаюлу ҳаваси фиребо Ҳалимови носолимро ба ин иқдом тела додааст.

Таърих чунин мисолҳоро зиёд медонад, ки соҳибмансабони ҳарбӣ барои манфиатҳои ночизи шахсиашон муқобили манофеи миллӣ ва давлатӣ баромадаанд. Ин ҷо соя набояд рӯи тамоми хизматчиён афтад, ки ҳимояи Ватани худро муқаддас мешуморанд.

**-Чанд маротиба ВАО-и давлатӣ дар бораи он ёдовар шуд, ки ҲНИТ ва Назарзодаро аз хориҷа, онҳое, ки ба ноормии Тоҷикистон манфиатдоранд, маблағгузорӣ мекарданд. Шумо гуфта метавонед, ки имрӯз ин барои кӣ манфиат дорад?**

-То ҳанӯз мисли солҳои 90-и асри гузашта дар хориҷи мамлакат доираҳое ҳастанд, ки ба ноормии авзои дохили кишвари мо манфиатдоранд. Онҳо мехоҳанд, ки Тоҷикистонро ба сарчашмаи террор, зӯроварӣ ва радикализм табдил диҳанд. Табиист, ки ин қувваҳо дар миёни табақаҳои ифротгарои ҷомеа такягоҳ меҷӯянд, то ки ҳадафҳои геополитикӣ ва геостратегии худро амалӣ гардонанд. Барои мисол дур рафтан лозим нест. Дар Афғонистони ҳамсояи мо ва дар Ироқу Сурия теъдоди зиёди гурӯҳҳои ифротию террористӣ ҷамъ омадаанд, ки аз ҷониби доираҳои манфиатхоҳ барои анҷом додани амалҳои террористиву тахрибкорӣ бо маблағи ҳангуфт таъмин мешаванд.

**-Вақтҳои охир дар ВАО чанд маротиба масъалаи ба Президенти мамлакат додани унвони Пешвои миллат бардошта шуд. Оё сарфароз гардондани Роҳбари давлат ба чунин унвон воқеан ҳам муҳим аст?**

-Доир ба ин масъала ҳоло дар миёни олимон муҳокимаҳо рафта истодааст. Мардум низ ҳангоми баромадҳояшон аллакай ба Сарвари давлат "Пешвои миллат " гуфта муроҷиат мекунанд. Ва ман дар як мақолаам Президентамонро дар як саф бо Аврам Линколн, Камол Отатурк ва дигар бузургон гузошта будам. Ин на барои он буд, ки бори дигар эҳтиромоти самимии худро нисбати Президент таъкид намоям, балки вобаста ба воқеияти таърих инро тазаккур додам. Аврам Линколн дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дар ИМА тавонист, ки тамомияти арзии кишварро нигоҳ дорад. То имрӯз амрикоиҳо бо эҳтиромоти зиёд нисбати ин президент сухан мегӯянд. Дар фарҳанги сиёсии онҳо низ қабул шудааст, ки ҳар кадом президентро бояд аз рӯи дастовардҳояш баҳо диҳанд. Бинобар ин фикр мекунам, ки ҳароина мо бояд ба шахсиятҳо баҳо доданро аз рӯи саҳмашон дар барқарорсозии давлатдориамон ёд гирем. Маҳз ба ҳамин хотир ба андешаи ман Президентамон ба унвони "Пешвои миллат" сазовор аст.

Агар бо пешвоёни дигари ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ муқоиса кунем, онҳо мамлакати худро аз рӯи мерос гирифтаанд, амалан дар онҳо мухолифатҳои сиёсӣ ва харобкориҳо набуд. Дар ҳамин зовия хизматҳои Президенти мо ниҳоят бузург аст. Давлатдорӣ набошад, фаъолияти муътадили сохтори давлатдорӣ, хулоса ҳеҷ чиз намешавад. Дар синни 40-солагӣ ба сари ҳокимият омад ва изҳор дошт, ки сулҳро пойдор мегардонад, ҳамаи гурезаҳоро бармегардонад ва мо дидем, ки ӯ ҳамаи ин корҳоро анҷом дод. Ин боиси ифтихори бузург аст.

Лозим аст, ки ниҳоди (институти) Пешвои миллат созмон дода шавад ва дар ин самт сиёсатшиносон, ҳуқуқдонҳо, аъзои фраксияи мо кор баранд ва ин масъаларо ба парлумон пешниҳод намоянд. Фикр мекунам, ки хуб мебуд агар дар заминаи қонунгузорӣ ба ниҳоди Пешвои миллат салоҳиятҳои муайян дода шавад. Масалан дар Қазоқистон Елбаси унвони ифтихорӣ аст. Аммо барои пурқувват намудани низоми сиёсиамон ба Пешвои миллат бояд ягон хел салоҳият дода шавад. Ин ниҳод метавонад дар оянда барои эътидоли вазъияти сиёсӣ ва носозгориҳои иҷтимоӣ нақши мусбат дошта бошад.

**-Мехостам назари шуморо доир ба қазияе, ки перомуни фавти Умаралии панҷмоҳа ба миён омадааст, бифаҳмам. Ба он вокунише ки нисбати ин қазия дар ҷомеаи Русияву Тоҷикистон сурат гирифтааст, чӣ баҳо медиҳед?**

-Дар ин маврид ман гуфтаҳои Президентамонро хондам ва бисёр маъқулам шуд. Бале, ин фоҷиа далели бархӯрди беотифа ва дағали одамон аст. Аммо дар атрофи он воҳимаи зиёд кардан раво нест, ки боиси халалдор шудани муносибати миёни миллатҳо ва давлатҳо шавад. Зеро ки имрӯз дар Русия теъдоди бузурги муҳоҷирони корӣ фаъолият доранд. Ба ман ҳамчунин гуфтаҳои муовини Раиси Думаи давлатии Русия писанд омад. Ӯ комилан дуруст ибroз доштааст, ки ин ҳодиса чеҳраи аслии мо ва золимии моро нишон дод. Охир ӯ кӯдак аст. Чӣ гуна ӯро аз модараш канда мегиранд? Ин амалан куштор аст. Ин фоҷиа дили ҳамватанони моро ба ларза овард ва дар атрофаш вокунишҳо зиёд шуданд, ки нишонаи ҳамраъйии ҷомеаи мо маҳсуб меёбад. Ман фикр мекунам, ки ҳамааш бояд аз рӯи адолат сурат бигирад. Мақомоти интизомӣ бояд қазияро одилона баррасӣ намояд. Дирӯз хабари дигаре аз Думаи давлатии Русия омад, ки дар мавриди ҳодисаҳои марбут ба ҷудо кардани модару кӯдак ба қонунгузории он кишвар тағйирот ворид карда мешавад. Агар адолат тантана кунад, ҷомеаи мо қаноат ҳосил мекунад, ки воқеан ҳам Русия як кишвари мутамаддин аст ва дар он ҷо қонун волоият дорад. Ба ин ҳақиқат қодир ҳастанд ё не, инро чораёни тафтишот ва натиҷаҳои он нишон медиҳад.

*Таҳияи* **Зебо ТОҶИБОЕВА**,
*тарҷума аз нашрияи "Азия плюс"*

**Бахшида ба Соли оила**

# ДАР МУСТАҲКАМИИ ОИЛА САҲМГУЗОР БОШЕМ

**Бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар робита ба он ки соли 2015 дар кишварамон "Соли оила" эълон гардидааст, рӯзи 19 октябри соли равон дар маркази ноҳияи Ёвон озмуни "Солномаи оила" доир гардид, ки дар он оилаҳои беҳтарин, оилаҳои ҷавон, кадбонуҳои чирадаст, занону духтарони фаъол ва намояндагони аҳли ҷамоатчигии ноҳия ширкат варзиданд.**

Дар озмун узви Раёсати Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, раиси ноҳияи Ёвон Амирбеки Темур баромад карда, аз ҷумла иброз намуд, ки дар ҷомеаи навини мо муносибатҳо ва арзишҳои волои хонаводагӣ ҷузъи асосии тафаккури миллии моро ташкил дода, солимии оила барои мардуми мо аз ҷумлаи муқаддасоти олӣ мебошад. Маҳз оилаи солим метавонад заминаи устувор ва эътимодноки ҷомеаи мутараққӣ гашта, инсонҳоро хушбахт намояд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия барои татбиқи босамари қонуну қарорҳо ва барномаҳои давлатии дар ин самт қабулгардида пайваста чораандешӣ мекунад. Дар доираи иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мо соли гузашта ба 20 оила ба миқдори 50 ҳазор сомонӣ ва имсол бошад, ба 35 оилаи нисбатан ниёзманди ноҳия 70 ҳазор сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷудо намудем, ки мақсад аз ин иқдом беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволии мардум мебошад.

Мусаллам аст, ки издивоҷи оқилона ва интихоби дурусти ҳамсар гарави оилаи устувор мегардад, вале мутаассифона, дар ин ҷода ҳам ҷавонон ва ҳам падару модарон баъзан ба саҳлангорӣ роҳ медиҳанд, ки оқибати робитаи занушавҳарии оилаҳои ҷавон халалдор мегардад. Боиси таассуф аст, ки баъзе падару модарон дар масъалаи ба шавҳар додани духтаронашон ба саросемагӣ роҳ медиҳанд.

Албатта, мактабу маориф ва дигар сохторҳои дахлдор вазифадоранд, ки ба наврасону ҷавонон фарҳанги оиладориро омӯзонанд, аммо то он вақте ки ҳар як падару модар ва ҳар узви ҷомеа ин масъаларо қарзи виҷдонии худ ҳисоб накунад, ба мақсад расидани мо мушкил мешавад.

Дар суханронии иштирокчиёни озмун ва дар маърӯзаи муовини раиси вилояти Хатлон Ситора Шерзода Маннон,сардори Раёсати асноди ҳолати шаҳрвандии вилояти Хатлон Зиннатгул Сафарзода, мудири шуъбаи бойгонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Хадича Ализода, муовини сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон Малика Шукурова, ки дар озмун иштирок доштанд, баҳри беҳдошту мустаҳкамии оила пешниҳодҳои судманд карданд. Дар охир аз модарону занони фаъоли ноҳия ва аҳли ҷамоатчигӣ даъват карда шуд, ки барои ба вуҷуд овардани оилаҳои солим ва мустаҳкам намудани муносибатҳои занушавҳарии оилаҳои ҷавон саҳмгузор бошанд.

**Раҳматулло ЗУБАЙДУЛЛОЕВ,**
*раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон*

# ЧУ УЗВЕ БА ДАРД ОВАРАД РӮЗГОР...

Рӯзҳои гароне, ки бар сари мо - бошандагони қарияи Барсеми ноҳияи Шуғнон омад, нафареро аз сокинони ҷумҳурӣ дар канор намегузошт, зеро кулли мардуми кишвар узви ҷомеаи Тоҷикистон мебошанд. Тавре мегӯянд:

***Чу узве ба дард оварад рӯзгор,***
***Дигар узвҳоро намонад қарор.***

Аз рӯзҳои нахустини рух додани ҳодиса Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба мо осебдидагон мурочиат намуда гуфтанд, ки ман намегузорам,ки шумо хору зор шавед, бароятон беҳтарин шароити зиндагониро муҳайё менамоям. Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Баробари бунёди хонаҳои зебои тарҳи помирӣ инчунин то кӯрпачаву қошук ва гилемҳои зебо вориди хонаҳоямон гардид.Фикр мекунам, ки чунин ғамхории ҳукумат дар ҳаққи мардум дар ягон гӯшаи дунё нест. Мардуми шарафманди тоҷик аз ҳар гӯшаю канори ҷумҳурӣ сим зада, моро дилбардорӣ мекарданд, ки мо бо шумоему ҳар имдоде лозим бошад, мерасонем.

Ҳар кас бо ҳар роҳу восита мадад мерасонид, аз ҷумла сокинони шаҳри Кӯлоби бостонӣ бо қатори мошинҳо нон оварданд. Садҳо нафар маоши якмоҳаашро ба бунёди имдод ба мо - осебдидагон гузарониданд..

Бо дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкилоту муассисаҳои давлатию ҷамъиятӣ ва шахсони саховатпеша дар сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои мо саҳми назаррас гузоштанд.

Бунёди хонаамро кормандони Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба зимма гирифта, нахустин шуда бо сифати баланд ба комиссияи қабули Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориданд.Рости гап, хона хеле зебост. Устоҳо ҳар ҳунаре, ки доштанд, дар бунёди хонаам сарф кардаанд.

Аз номи худам ва аҳли оилаам барои дастгирию ғамхориҳои беназир ба Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва кулли мардуми шарифи Тоҷикистони азизам миннатдории бепоёни хешро баён менамоям. Бигзор, дасти чунин Сарвари ғамхор ҳамеша соябони сари мо бошад.

**Маҳз маҳбубияти Сарвари давлатамон байни миллат ҳаст, ки ба ин шаҳраки навбунёд, мардум Раҳмонобод ном гузоштаанд.**

**Шафтолу САИДАЛИЕВ,**
*сокини шаҳраки нави ноҳияи Шуғнон*

**Обуна-2016**

*Маъракаи обуна ба нашрияҳои расмию мустақил ва ҷамъиятӣ, аз ҷумла рӯзномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон "Минбари халқ" дар саросари мамлакат вусъат пайдо карда истодааст. Барои ташкили обуна ҳамаи ташкилотҳои ҳизбӣ, фаъолон ва алоқамандон сафарбар шудаанд, ки онҳо дар байни мардум моҳияти васоити ахбори оммаро ҷиҳати инъикоси рӯйдоду воқеаҳои кишвар, минтақа ва ҷаҳон фаҳмонда, аҳамияти ахбору матолиби нашрияҳоро дар мавриди ташаккули афкори омма шарҳу эзоҳ медиҳанд.*

# ФАЙЗОБОД - ДАР МИНТАҚА ПЕШСАФ



Комиҷроияҳои ҳизбие, ки дар ин самт корашонро дуруст роҳандозӣ намудаанд, дар маъракаи муҳими сиёсӣ-обуна кардани мардум ба комёбиҳо ноил гашта истодаанд. Дар ин бобат фаъолияти хуби ташкилоти ҳизбии ноҳияи Файзободро зикр намудан ба маврид аст, ки дар минтақаи водии Ҳисор аввалин шуда нақшаи шартии обуна ба "Минбари халқ"-ро муваффақона ба иҷро расонд. Созмонҳои ибтидоии ҳизбии ноҳия дар маҷмуъ то имрӯз ба 405 нусха ҳафтаномаи мазкур обуна шудаанд, ки нишондиҳандаи хуб аст.

Дар маъракаи муҳими обуна ташкилотҳои ибтидоии ҷамоатҳои деҳоти Мискинобод (раиси созмони ибтидоии ҳизбияш А. Шоев), Вашгирд (М. Шарифова), Қалъаи дашт (А. Саидов), КВД "Лоиҳакаш" (Н. Давлатов), Беморхонаи ноҳиявӣ (Ф. Зубайдов), ҶДММ "Мурғи ҳилол" (И. Ғуломов), шуъбаи фарҳанг (Ҳ. Мирзошарифов), Дармонгоҳи марказӣ (М. Мирзоев) ва дигарон ҳар кадом аз 10 то 100 нусхаӣ ба нашрияи дӯстдоштаашон обуна гардиданд.

Раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Абдулло Азизов зимни суҳбат иброз дошт, ки бо мақсади ташкили муваффақонаи маъракаи обуна ҳанӯз дар моҳи августи соли равон дар назди комиҷроия ситод ва гуруҳи махсуси таблиғотчиёнро созмон дода, дар миёни коллективҳои меҳнатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, муассисаҳои мактабу маориф, тандурустӣ ва фарҳанг корҳои фаҳмондадиҳӣ бурдем. Шумораҳои тозанашри "Минбари халқ"-ро муаррифӣ карда, хабару мақолаҳои онро тавзеҳ менамудем. Дар атрофи матолиби муҳиму проблемавӣ ва таҳлилии он маҳфилҳо меоростем. Махсусан маводҳои ҳизбии онро хонда, баҳсу музокираҳо анҷом медодем. Дар натиҷаи ин кори мо пешрав шуд. Хоҳишмандони обуна ба нашрияи ҳизбӣ беш аз пеш афзоиш ёфт. Ҳоло ҳам нафарони зиёде аз ҷумлаи ҳизбиён ва ашхосе, ки узвияти ҳизбро надоранд, ба мо мурочиат мекунанд, ки ҷиҳати обуна ва дастрас намудани он кӯмак расонем.

Дар шароити ҳозира хусусан дар деҳот на ҳама ба сомонаҳои интернетӣ дастрасӣ доранд. Бинобар ин рӯзномаҳо воситаи хуби огаҳӣ аз рӯйдоду воқеаҳо мебошанд. Умуман ҳоло бидуни иттилоот зистан мушкил гаштааст. Мардуми ноҳияи мо бисёр мехоҳанд, ки бо нашрия робита ва ҳамкорӣ дошта бошанд. Фикру назарашонро дар васоити ахбори омма ба нашр расонанд. Бо иштироки роҳбарони нашрия ва мухбирони "Минбари халқ" маҳфилу конфронсҳо доир кунанд, афзуд, раиси комиҷроия А. Азизов.

Зимнан, мазмуну мундариҷаи нашрияи ҳизбӣ "Минбари халқ" дар ин авохир беҳбуд ёфтааст. Дар он дар бораи рӯйдодҳои ҳизбӣ дар саросари мамлакат, воқеаҳои муҳими ҷумҳурӣ ва ҷаҳон иттилоъ чоп карда мешавад, ки омили асосии огаҳии мардум мебошад. Хусусан мақолаҳо дар бораи проблемаҳои доғи кишвар ва нишон додани роҳҳои ҳалли онҳо қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Ҳамзамон ба мушоҳида мерасад, ки дар саҳифаҳои нашрия хабару мақолаҳои фароғатӣ ва маводҳое ба табъ мерасанд, ки ҷолибу шавқовар ҳастанд. Ҳамаи ин омилҳо имкон медиҳад, ки сафи хонандаҳои ҳафтанома сол то сол афзоиш ёбад.

**Усмон СОЛЕҲ,**
*сухангӯи ҲХДТ*

# БУЗУРГДОШТИ РОҲБАР

Дар Кохи фарҳанги шаҳри Хуҷанд бо иштироки васеи аҳли ҷамоатчигии вилоят таҷлили 90-солагии арбоби давлатию ҳизбӣ Рифъат Ҳоҷиев баргузор шуд.

Муовини раиси вилояти Суғд Назира Ғаффорӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти Рифъат Ҳоҷиев сухан ронда, гуфт, ки саҳми Рифъат Ҳоҷиев дар рушду нумӯъи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи вилоят дар замони шӯравӣ ба ҳайси котиби аввали кумитаи ҳизбии вилояти Ленинобод, ки 17 сол (1970-1987) бенуқсон кор кард, басо назаррас аст.

Аз номи шогирдону ҳамсафони ин ходими ҳизбию ҷамъиятӣ Биҳоҷал Раҳимова, муовини раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати вилоят Шавкат Алиев сухан ронда, хислатҳои ҳамидаи инсонию роҳбарии Р.Ҳоҷиевро ёдовар шуданд.

Дар чорабинӣ муаррифии китоби корманди ҳафтаномаи "Минбари халқ" дар вилояти Суғд Мирзоаъзам Мақсудов доир гардид. Китоб ба ҳаёту фаъолияти Рифъат Ҳоҷиев бахшида шуда, "Абармарди сиёсат" номгузорӣ шудааст.

Дар охир ба ҳозирин филмномаи "Некӣ бимонад ҷовидон", ки рӯзгори Рифъат Ҳоҷиев бахшида шудааст, намоиш дода шуд.

**М.МАҲМУДОВ**



# ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОӢ - АМАЛИ НОМАТЛУБ

*Имрӯз ҷаҳони муосирро хатарҳои нав ба нав, ба монанди гармшавии иқлими сайёра, пахн шудани ҳар гуна бемориҳо, хушксолӣ ва гуруснагӣ, алалхусус дар қитъаи Африқо, бекорӣ ва мавҷи муҳоҷират, шиддат гирифтани муқовиматҳои мусаллаҳона ба монанди терроризм ва ифротгароӣ пайгирӣ менамояд. Дар ҳақиқат, терроризм ва ифротгароӣ имрӯзҳо ҷаҳонро ба такон оварда, боиси нигаронии оламиён гаштааст.*

**ОНҲО** ба худ чеҳраи нав гирифта, зери ниқоби Ислом амал намуда, даст ба қатлу озори одамон мезананд. Ҳатто даст аз куштори пирону барҷоймондагон ва занону кӯдакон боз намедоранд, Дар баробари ин молу амволи одамонро ғорат карда, занону кӯдаконро ба ғуломӣ мебаранд, ки ин амалҳои онҳо, мухолифи оддитарин меъёрҳои ахлоқии аҳкоми дини мубини Ислом ва дигар қонунҳои ҷомеаи инсонӣ мебошад.

Дар хусуси хунхорӣ садҳо маротиба аз Чингизу Темури Ланг ва Гитлер бартарӣ доранд. Дар онҳо як зарра ҳам ҳиссиёти инсонӣ вуҷуд надорад. Онҳо ба мисли гургони одамсуратанд. Дар натиҷаи ҷангҳои бемаънӣ миллионҳо одамон гурезаву овора шуданд. Бархе аз онҳо ҳангоми убури баҳри Миёназамин ғарқ мешаванд. Дар аввали моҳи сентябр дар шабакаҳои интернетӣ, ВАО-и давлатҳои ҷаҳон акси як кӯдаки фавтида дар соҳилҳои баҳр пайдо шуд, ки ба ибораи дигар "хоби Аврупо"-ро парронд. Ин тифлаки маъсум Ойлани 3-сола буд, ки аз шаҳри Кубонии Сурия бо ҳамроҳии модару бародараш ба Аврупо фирорӣ шуданд. Вале шабона киштӣ дар соҳилҳои Туркия ғарқ мешавад ва ҷасади ӯро мавҷи баҳр ба соҳил мебарорад. Ин акс дили ҳазорҳо нафарро ба ҷунбиш овард. Бале, чунин аст меваи дастандаркороне, ки ҷангҳои хунумонсӯзро таҳмил дода, ба сари одамони бегуноҳ сели бадбахтиҳоро мерезанд. Таърихи инсонӣ гувоҳ аст, ки дар асрҳои 13-14 чеҳраҳои тираву тор ва манфури Чингизу Темури Ланг арзи ҳастӣ намуда, ҳазорҳо одамонро қатл намуда ва зинда дар гӯр андохтанд. Ҳатто аз сарҳои буридаи онҳо калламанор сохтанд. Ин ваҳшонияти онҳоро то ҳол инсоният фаромӯш накардааст. Имрӯзҳо бештар дар кишварҳои мусулмонӣ ба монанди Сурия, Ироқ, Либия. Яман ва Афғонистон гурӯҳҳои теросистии Ал-қоида, ДИИШ (давлати исломии Ироқ ва Шом), Ихвон-алмуслимин (бародарони мусулмон), Ҷабҳатул-нусра, Бокоҳарам, Толибон зери мафҳуми "ҷиҳод" амал менамоянд ва ҳол он ки аксарияти аҳолии ин давлатҳо мусулмон мебошанд ва ваҳшонияте, ки содир менамоянд, забони инсонӣ дар шарҳи он лол мемонад. То ҷое, ки медонем ҷиҳод - ҷаҳд кардан барои сулҳу оштии тарафҳои даргир, ба мувофиқа овардани гурӯҳҳои мухолиф мебошад. Ифротгароиро ҳар гуна шарҳу эзоҳ медиҳанд.

Ифротгароӣ ё худ экстремизм вожаи лотинӣ буда, раванде мебошад, ки ҷонибдори усулҳои фаъолият ва ақидаҳои ифротӣ, ки аз тарафи ҳизбҳо, созмонҳо, гурӯҳҳо ва ҳатто баъзе давлатҳо дастгирӣ карда мешаванд. Умуман ифротгароӣ ин бо роҳи истифодаи яроқ, куштор ба чизе ноил шудан аст. Ифротгароӣ натанҳо дар амал, балки дар рафтору гуфтор ва андеша ҷой дорад. Ифротгароӣ ё терроризм ин яке аз шакли тарсондани мардуми осоишта бо роҳу воситаҳои гуногун (мисли гаравгонгирӣ, куштор, истифодаи маводҳои заҳролудкунанда, таркондани ҳавопаймо, автобусҳои мусофирбар) мебошад. Ифротгароӣ моли ин ё он дин нест ва буда ҳам наметавонад. Террористон динро танҳо парда ё ниқоб қарор дода, зери он мехоҳанд корҳои зишту носавоби худро анҷом диҳанд.

Терроризм якранг нест, доим дар тағйир аст. Рӯз то рӯз инкишоф меёбад, васеъ паҳн мешавад. Рӯ ба ифротгароӣ овардани ҷавонони имрӯза шояд вазъи иқтисодӣ, коррупсия, паст будани сатҳи зиндагии мардум, бекорӣ, фиреб, надонистани қонун, бесаводӣ, хурофотпарастӣ, дониши пасти сиёсӣ, надоштани таҳсилоти олӣ ва дигар омилҳо мебошад. Имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳоро меандешад, то пеши роҳи ифротгароиро гирад. Зеро ки ҳоло ҳам равияҳои ифротгароӣ ба монанди ҲИУ, Ансоруллоҳ, Ҳизб-ут-таҳрир, Таблиғ, Салафия, Ҷундуллоҳ дар ҳудуди Осиёи Миёна хавфи калон доранд. Идеологияи онҳо пурра хурофот буда, аз оддитарин меъёри ахлоқи волои исломӣ фарсаххо дуранд. Зеро ки мувофиқи талаботи дини мубини Ислом рехтани хуни ноҳақ ҳаром аст. Пас онҳо чи гуна мусалмоне ҳастанд, ки бо ин гуна бераҳмӣ, ки дар ақлу шуури инсон тасвирнопазир аст, одамонро ба қатл мерасонанд. Бояд ҷомеаи мо ба таърих, фарҳанг ва тамаддуни ҳазорсолаҳои худ такя намуда, барои пешгирии хатарҳои нави ҷаҳонӣ, аз ҷумла терроризм, ифротгароӣ ва дигар падидаҳои номатлуб, ки ба сулҳу амният ва суботи ҷомеа таҳдид менамоянд, воқеъбинона муносибат намоянд. Таҳияи қонунҳо, маъракаҳои сиёсӣ, ташкили корҳои таблиғотӣ-тарбиявӣ, чопи китобҳои бадеӣ, тарбияи дурусти динӣ дар рӯҳияву идеологияи дуруст, омилҳое мебошанд, ки дар тарбияи ҷомеа нақши муҳим мебозанд. Имрӯзҳо ҳам ҳастанд гурӯҳҳои бадхоҳе, ки мехоҳанд сулҳу суботи кишвари моро ноором созанд. Аммо ваҳдат ва ягонагии мардуми азиятдидаи мо бо ин кирдорҳои бадхоҳона рахна намегардад. Ҷомеаи имрӯзаи моро мебояд, ки таърихи начандон дури гузаштаи худро фаромӯш насозад ва аз ҳар саҳифаи он барои ҳар рӯзи хеш сабақ гирад.

**Ш. АШУРИЁН,**
*директори муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ"*



**Барои иддае, ки мафкураи динӣ дар мағзашон пурра ғолиб омадааст, арзишҳои миллӣ, худи миллат ва асолату ҳувияти он ҷойгоҳе надоранд. Онҳо дар ҳама давру замонҳо муқобили ин арзишҳо ҷангидаанд ва баҳри нестиашон кӯшидаанд.**

# ЧАРО КАБИРӢ аз Туркия ронда шуд?



**БАЪЗЕ** таҳрифнависони таърих дар солҳои "навсозии горбачёвӣ" ва давраи тоза ба истиқлол расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистанд ҷаҳолатҳо ва даҳшатҳоеро, ки хилофатҳои аввалини исломӣ нисбат ба миллатҳои дигар, алалхусус тоҷикон анҷом дода буданд, то андозае аз хотироти мардум тоза намоянд ва бо истифодаи эътиқодоти динии қишри осебпазири ҷомеа, дар майнаи онҳо ғояҳои ғаразноки исломи сиёсиро ҷойгузин созанд. Маҳз дар ҳамин давра Ҳизби наҳзати исломӣ сар баровард. Аз нахуст тарҳрезону созмондиҳандагони ҳизб, ки албатта бо хориҷи кишвар пайвастагӣ доштанд, мақсадашон шикасти давлати миллӣ ва барқарор кардани шариати исломӣ буд.

Бо он фаъолиятҳое, ки ин ҳизб дар барангехтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон анҷом дода буд, бояд аслан дигарбора ба арсаи сиёсат намеомад. Хуни ҳазорон ҳазор бегуноҳ маҳз дар гардани ҳамин ҳизб мебошад, танҳо бозии сиёсат буд, ки ин ҳизби ҷанговар ба худ чеҳраи "сулҳовар"-ро гирифт. Вале онро ҳам канор мегузорем. Тамоми ормонҳои ҳизби мазкур маҳз тавассути давлати имрӯза, бештар аз он ки наҳзатиҳо интизор доштанд, амалӣ гардиданд. Озодона гузаштани маросимҳои асосии динӣ, сохтани масҷидҳо ва озодии анҷом додани намоз, обод кардани маконҳои муқаддаси хусусияти динидошта, аз қабили мазорҳо ва зиёратгоҳҳо, адои маросими ҳаҷ, нашри бемаҳдуди адабиёти динӣ ва ғайра ба ин мисол шуда метавонанд. Дар ин ҳошия, наҳзатиҳо бояд мустақилона рисолати таърихии худро анҷомёфта меҳисобиданд ва ба фаъолияти худ дар чунин шароити ҳассос, дар замоне, ки ними ҷаҳону минтақаро манфиатхоҳон ба ҷангҳои динӣ-мазҳабӣ кашидаанд, анҷом мебахшиданд. Вале не. Баръакс. Маҳз дар чунин шароит онҳо якбора фаъол гаштанд. Мансубияти худро ба "Ихвонулмуслимин", алоқамандиашонро бо соири давлатҳои исломӣ ошкор карданд. Рӯшод маълум сохтанд, ки мавҷудияташон бо боварӣ ва ҳадафи эшон нисбати хилофат ва сохтани давлати фаромиллии исломӣ тавъам аст.

Ҳодисаҳои ахири сиёсӣ нишон доданд, ки дар ин роҳ наҳзатиҳои тоҷик аз ҳамандешони худ дар "Давлати исломӣ" ва "Ал-Қойида"-ю дигар созмонҳои террористӣ тафовуте надоранд.

Ахиран собит шуд, ки Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва сарварони он на танҳо ҳидоятгари маънавӣ, балки пуштибони молии гурӯҳи террористии Ҳоҷӣ Ҳалим Назарзода низ будаанд. Қазияи бевосита ба ӯ дода шудани як миллиону дусад ҳазор доллари ИМА аз ҷониби Тиллозода Руҳуллои Муҳиддин - писари Муҳиддин Кабирӣ пардаро аз болои сирҳои зиёди нуҳуфта бардошт. Пеш аз ҳама, сабаби сафари Муҳиддин Кабирӣ ба хориҷи ҷумҳурӣ баъди мағлубияти миёншикани ҲНИТ дар интихоботи парлумонии Тоҷикистон ва тасмими мондани ӯ дар хоки бегона фош шуд. Маълум гардид, ки ин шикаст, умедҳои наҳзатиҳову таҳрикдиҳандагони берунаашонро оиди барқарор сохтани шариати исломӣ дар Тоҷикистон барбод дод. Мардуми тоҷик ҷонибдори сохтори дунявӣ будани худро бори дигар тасдиқ карданд ва бозгаштро ба қарнҳои ҷаҳолату торикӣ, ки бӯю нишонаашон дар ақидаҳои шахшудаи исломгароҳо, аз ҷумла наҳзатиҳои тоҷик, маҳфуз мондаанд, рад намуданд. Аз ин рӯ, Кабирӣ бо амри "хоҷагони маънавиаш" аз роҳи охирин истифода бурданӣ шуд. Расидан ба курсии ҳукуматдорӣ тавассути зери по кардани ҷасадҳои дар хоку хун жӯлидаи ҳамдиёрону ҳамватанон.

Қазия ошкор кард, ки Мухиддин Кабирӣ, он шахси ботамкин, ботаҳаммул, босавод ва фурӯтану хушгуфторе нест, ки ҳамеша бо чунин симо худро дар назди ҷомеа намоиш медод. Ҳамаи ин танҳо ба хотири моилсозии мардуми аз сиёсат бехабар ба шахсияти худу ҳизбаш будааст. Чун амбитсияҳои сиёсиаш дарҳам шикастанд, чеҳраи аслиаш бурун зад. Чеҳраи террористона. Чеҳрае, ки тайёр аст, ҳашт миллион ҳаммиллаташро қурбон кунаду ин сарзаминро ғуломи ғайр.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29-уми сентябри соли ҷорӣ Ҳизби наҳзати исломиро ҳизби террористӣ эълон намуд ва фаъолияти онро манъ кард. Дар пайи ин қарор, Ҳукумати расмии Туркия Муҳиддин Кабириро сареъан аз хоки худ берун кард. Зеро дар вобастагӣ бо ҳамлаҳои ахири террористон дар қаламрави ин давлат, ҳам ҳукуматдорон ва ҳам мардуми он аллакай дарк намуданд, ки паноҳ додан ба террорист ва дар канори худ гирифтани ӯ чӣ оқибатҳои сангине оварда метавонад. Аз ин рӯ, "аз бало ҳазар" гӯён, кафшҳои Кабириро пешаш гузоштанд. Кафшҳои онеро, ки то дирӯз "азизи дилу дида" буд.

Акнун Муҳиддин Кабирӣ ба микрофони зиндаи "ҳомиёни демократия" ва "озодӣ" табдил ёфта истодааст. Бо нишондоду амри онҳо аз дуриҳои дур борону санги маломатро бар сари Ватани худ хоҳад рехт. Мисли чанд бееватану мазҳабфурӯше, ки то имрӯз чунин корҳоро иҷро карданду мекунанд. Танҳо то кай? Албатта, то замоне, ки кафшашро боз пешаш мегузоранд.

**Амруллоҳи ҚУРБОН**



# БА НЕРӮИ ҶАВОНОН ТАКЯ МЕКУНЕМ

**Бо супориши идораи ҳафтанома ҷиҳати шиносоӣ бо вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии маҳал ҳамроҳ бо кормандони Дастгоҳи маркази ҲХДТ ба навоҳии минтақаи Рашт сафар доштем. Зимни ин сафар ба чашм дидаргуниҳои маркази ноҳияи Рашт ҷилвагар шуданд, ки ҳамагӣ моҳҳои охир ба амал омадаанд. Дар бобати вазъи имрӯзаи ноҳия ва дурнамои рушди минбаъдаи он бо Раиси ноҳия Лоиқзода Қаноатшо Холиқ суҳбат оростем:**

**- Муҳтарам Раис, Шумо муддати зиёде нест, ки сарварии ноҳияи Раштро ба уҳда доред. Имрӯз вазъи иқтисодиву иҷтимоии ноҳияро чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?**

- Дуруст қайд кардед, ман ҳамагӣ 9 моҳ аст, ки ин вазифаи пурмасъулиятро ба зимма дорам. Зикр бояд намуд, ки ноҳияи Рашт бузургтарин воҳиди маъмурии минтақа ба шумор меравад. Имрӯз дар он 116 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Аз назари иқтисодӣ бояд зикр намуд, ки ноҳия минтақаи аграрӣ махсуб ёфта, асоси истеҳсолоти онро маҳсулоти кишоварзӣ ташкил медиҳад. Имсол дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва асоси нақшаи дурнамои рушди ноҳия соли ҷорӣ дар майдони 2293 гектар кишти баҳорӣ гузаронида шуд. Дар соҳаи боғпарварӣ бошад, дар майдони 108 гектар боғҳои нав бунёд гардид, ки аз он 2 гектар боғи интенсивӣ аст. Мардум аз ҳосили ба дастомада қаноатманд буда, бо боварии комил метавон гуфт, ки дар ин самт мо ба гузаронидани зимистони имсола пурра омода ҳастем.

Дигар самтҳои муҳими соҳаи кишоварзии ноҳия ин чорводорӣ ва парвариши занбӯри асал мебошанд, ки дар ин самт низ дастовардҳо назаррас ҳастанд. Бо қаноатмандӣ бояд бигӯям, ки ҳамчунин дар дигар бахшҳои соҳа пешравиҳо дида мешаванд.

**-Ҳангоме, ки маркази ноҳияро тамошо кардем, мушоҳида намудем, ки корҳои сохтмонӣ дар ҷараёни мусбӣ қарор доранд. Ҳамкории мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳалӣ бо соҳибкорон дар самти ободонии маҳал чи гуна ба роҳ монда шудааст?**

- Имрӯз, хушбахтона, дар ноҳия корҳои сохтмонӣ хуб ҷараён доранд, ки бозгӯ аз сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар аст, ки мо дар маҳал татбиқ карда истодаем. Ҳоло дар ноҳияи Рашт сохтмони як зумра иншооти маишиву хидматрасонӣ ва истеҳсолӣ роҳандозӣ мешаванд, ки баҳри пешбурди вазъи иқтисодиву иҷтимоии минтақа равона карда шудаанд. Давоми соли ҷорӣ дар ҳудуди ноҳия иҷро намудани корҳои таъмириву сохтмонӣ дар 54 иншоот ба нақша гирифта шудаанд. Аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои Ҳукумати кишвар сохтмони 16 иншоот бо маблағи 28 миллиону 340 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби ташкилоту идораҳои ҷумҳурӣ сохтмони 2 иншоот бо маблағи 250 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои буҷаи маҳаллӣ таъмир ва сохтмони 9 иншоот бо маблағи 5 миллиону 541 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳибкорон ва аҳолӣ сохтмони 21 иншоот бо маблағи 6 миллиону 745 ҳазор сомонӣ, аз хазинаи ташкилотҳои хориҷӣ сохтмони 6 иншоот бо маблағи 5 миллиону 786 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамин рӯзҳо дар маркази ноҳия як меҳмонхонаи 3-ошёнаи дорои нуқтаҳои хидматрасонӣ аз ҷониби соҳибкор ба истифода дода шуда, ҳамчунин сохтмони меҳмонхонаи 2-ошёнаи давлатӣ дар ҳоли баанҷомрасӣ қарор дорад. Корҳои сохтмонӣ дар варзишгоҳи марказӣ идома дошта, мо бинои кӯҳнаи собиқ матбааи ноҳияро аз таъмир баровардем, ки ҳоло дар он мактаби мусиқӣ барои 150 толибилм ва сехи дӯзандагӣ амал мекунанд. Толори бузурги варзишӣ, ки то ин дам дар ноҳия набуд, имрӯз ба истифода дода шудааст, ки дар он зиёда аз 150 нафар ҷавонони ноҳия ба тамрин фаро гирифта шудаанд. Барои зарардидагони офати табиӣ дар деҳаҳои Ҳалқарфу Бедак 46 хонаи истиқоматӣ ба истифода дода шуданд. Ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллӣ бо соҳибкорон хуб ба роҳ монда шудааст. Умуман, дар самти ободонии маҳал мақомоту соҳибкорон ва дар маҷмӯъ, тамоми аҳолии ноҳия имрӯз ҳамрайъ ҳастанд.

**- Ҷиҳати дастгирии моддии кормандони давлатӣ Шумо дар ноҳия иқдомотеро пиёда кардед, ки хуб аст...**

- Бале, барои беҳтар сохтани вазъи моддии кормандони буҷавӣ мо як иқдомро пеш гирифтем, ки гумон мекунам, ба манфиати кор аст. Мо як қатор хоҷагидоронеро, ки заминҳои киштро соҳибӣ кардаанду аммо аз уҳдаи кор набаромаданд, даъват намуда, бо розигии худи онҳо ин заминҳоро бозпас гирифта, ба кормандони соҳаҳои буҷавии ноҳия тақсим кардем, ки имрӯз онҳо аз ин қитъаҳо самаранок истифода бурда, баҳри таъмини оилаҳои хеш заҳмат мекашанд. Аз ҷумла, кормандони кумитаи иҷроияи ноҳиявии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар майдони 2 гектар кишти картошка гузарониданд, ки баҳри некӯаҳволии оилаҳояшон мадади хубе шуд.

**- Дуруст қайд кардед, замин ба соҳиби аслии худ ниёз дорад, оне, ки тавонад аз он босамар истифода барад. Суоли дигар: Дар самти тарбияи насли ҷавон хидмати соҳаи маориф бузург аст. Аммо имрӯз ҷомеаи мо ба хатароти нав, аз қабили гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгарову террористӣ дучор шудааст. Бигӯед, ки ҳоло дар ноҳияи Рашт чӣ иқдомоте баҳри дастгирии соҳаи маориф ва пешгирии шомил шудани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро роҳандозӣ мешаванд?**

- Рушди соҳаи маорифро Президенти кишвар аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ донистааст, ки ин мутлақо дуруст аст, чун дар тарбияи ҷомеа нақши он бениҳоят бузург мебошад. Такя бар ин, дар ноҳияи Рашт низ баҳри дастгирии соҳа пайваста чораҳо андешида мешаванд. Ҳамасола муассисаҳои таълимии минтақа аз таъмир баровардашуда, сохтмони таълимгоҳҳои нав ба роҳ монда мешаванд. Пайваста аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурӣ баҳри беҳтар намудани шароити таълиму тарбия ва вазъи моддии омӯзгорон корҳои мушаххас ба субут расонида мешаванд, ки мо онҳоро дар маҳал татбиқ мекунем. Масалан, имсол мо барои омӯзгорони ноҳия зиёда аз 70 шиму костюм ва 50 либоси занона ҳадя намудем. Бо дастгирии соҳибкорон ба кормандони соҳаи фарҳанг низ либосворӣ тақдим карда шуд. Дар ноҳия барои дастгирии соҳаи маориф ҳамавақт диққати ҷиддӣ дода мешавад, чун дар тарбияи насли наврас дар қатори оила хидмати мактаб бениҳоят бузург аст.

Баҳри пешгирии гаравидани ҷавонон мо пайваста чораандешӣ мекунем, ки амри зарурист. Аз рӯзҳои аввали ба ҳайси раиси ноҳия ба фаъолият шурӯъ карданам мо ба толори бинои ҳукумати ноҳия намояндагони дин, аҳли фарҳангу маориф ва собиқадорони ҷангу меҳнатро даъват намуда, моҳияти таъсиррасонии манфии ин зуҳуроти номатлубро муҳокима карда, масъалагузорӣ намудем, ки дар самти пешгирии майл ва гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро худ низ бояд ҳамкориро ба роҳ монанд. Шахсан ман ба тамоми мактабҳо рафта, бо хонандагон 1-2 соатӣ оиди ин падидаи номатлуб ва хатарзо суҳбат доир мекунам. Мо гурӯҳҳои корӣ ташкил кардаем, ки бо мардум дар ҷои зист суҳбатҳо мегузаронанд.

Умуман, майл пайдо кардани ҷавонон ба фарҳанги бегона имрӯз як масъалаи доғи рӯз аст, ки бояд бо он мубориза беамон бурд, чун ҳуввияти миллии моро зери таҳдид гирифтааст. Мафкураи ҷавонон ҳанӯз ташаккул наёфтааст, ки онро метавонад дар сурати заиф будани таҳкурсии дониш ва ахлоқ ғояҳои бегона мағлуб созанд. Дар ташаккули ҳисси ватандӯстиву миллатдорӣ ва ифтихор аз фарҳангу таърих ва давлатдории миллӣ саҳми оила ва бахусус маориф зиёд аст. Мо ба он афроде, ки имрӯз фарзандонашон дар муҳоҷират бори сангини ғарибиро кашида, наметавонанд шуғли доимӣ дарёфт кунанд, ҳатто пешниҳод кардем, ки маблағи бозгашт ба Ватанро пардохт кунем ва дар ҳамин ҷо бо кори мавсимӣ таъмин созем, то ин ки онҳо хориҷ аз меҳани худ ба доми аҷнабиёни ифротгаро наафтанд. Бояд махсусан қайд намоям, ки аз аввалинҳо шуда, фаъолияти ҲНИТ дар ноҳияи мо қатъ карда шуд, чун мардуми минтақаи мо аз мақсаду ниятҳои аслии нопоки он ба пуррагӣ огаҳ буданд ва замони ҷанги шаҳрвандӣ, ки ноҳия зарари бештар дида буд, маҳз сардамдори ин харобиҳову фоҷиаи миллӣ ҳамин ҳизб махсуб меёфт, ки аз амали шумаш хотираи бисёр талхе дар зеҳни мардум нақш бастааст.

Имрӯз дар самти дастгирии ҷавонон дар ноҳия ва ҷумҳурӣ корҳои зиёде ба сомон расонида мешаванд, ки барои тарбияи насли худогоҳу ватандӯст равона карда шудаанд, ки ба манфиати кор аст. Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Рашт 215 нафар ҷавон ва ҷавондухтарон ба филиали "Маркази таълими калонсолон"-и ҷумҳурӣ дар минтақаи Рашт барои омӯзиши курсҳои кӯтоҳмуддати дӯзандагӣ, кафшергари газиву барқӣ, операторӣ компютерӣ ва муҳосибӣ равона карда шуданд. Ҳамчунин, саҳми Донишкадаи омӯзгории минтақаи Рашт, муассисаҳои дигари таълимӣ барои таҳсил фаро гирифтан ва тарбияи насли ҷавон бузург аст. Сохта ба истифода додани толорҳои варзишӣ низ ба манфиати кор буда, ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ метавонад раҳнамун созад. Айни замон дар ноҳия 34 майдончаи варзишӣ, 1 маркази фитнес, 5 толори варзишӣ, 4 ҳавзи шиноварии мавсимӣ ва 7 федератсияи варзишӣ фаъолият доранд.



Мавриди зикр аст, ки бо иқдоми Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ҷумҳурӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ ҷиҳати густариши дӯстии ҷавонон ва пешгирии шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ имсол 45 нафар ҷавонони фаъоли минтақа бо сарпарастии бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ноҳияи Рашт ба шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб ва вилояти Суғд сафарбар ва бо шароити зиндагии якдигар бохабар шуданд. Инчунин 20 нафар ҷавони фаъол аз дигар манотиқи кишвар ба ноҳияи мо ташриф оварда, муддати 3 шабонарӯз ҳамчун аъзои оилаҳо дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бо шароити зисти мардуми маҳал шиносоӣ пайдо намуданд. Бо иқдоми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Ташкилоти ҷамъиятии "Созандагони Ватан" рӯзҳои 26-27 июни соли ҷорӣ 160 нафар ҷавонон-роҳпаймоёни "Роҳи Ваҳдат" аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ба ноҳияи Рашт ташриф оварда, мавзеъҳои таърихӣ ва зебои онро тамошо карданд, ки ин иқдомот, ба боварии пурраи ман, баҳри ваҳдат ва якпорчагии миллату кишвар нақши бағоят бузургро дорост. Дар ин самт ва умуман дар бахшҳои мухталиф ҳамкориҳои мо бо ҲХДТ ҳамчун ҳизби пешбар хеле хуб ҳастанд.

Имрӯз бо мадади бевоситаи ҳукумати кишвар ва афроди ватандӯсти маҳал дар ноҳия баҳри ба шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолӣ чораҳои муассир андешида мешаванд. Мо "Барномаи рушди ноҳия то соли 2016"-ро қабул кардем, ки ҳама пайи иҷрои он ҳастем, ки мақсад табдил додани ноҳияи Рашт аз минтақаи аграрӣ ба агросаноатӣ ва як гӯшаи ободу зебои Ватан аст.

*Мусоҳиб* **Азамат ДӮСТОВ**

# КАЗЗОБӢ дар ХОНАВОДАҲОИ ШИНОХТА



Дурӯғҳои оиладорӣ

*Лаъл, ки он рост*
*кунанд аз дурӯғ,*
*Қадр надорад,*
*ки надорад фурӯғ.*

Хисрави ДЕҲЛАВӢ

МИЁНИ мардум солҳои пешҳарфҳои "Дурӯғгӯ душмани худост" аксариятро аз ин амали аз савоб дур, ба ҳарос меандохт. Мутаассифона, имрӯзҳо баъзе дурӯғҳо ба дараҷае маъмулӣ ва қабул гаштаанд, ки дигар онҳо дар ҷомеа на касеро ба ҳайрат меоранд ва на ба ташвиш.

Соли 2015 эълон шудани соли оила ба хотири ҳалли мушкилот ва дарёфти роҳҳои ҳалли он, ба хотири устувории рукнҳои хонавода мебошад. Вале, мутаассифона ё хушбахтона, мо тӯли 11 моҳи ин сол перомуни оила ва оиладории миллӣ он қадар ҳадс задем, намуна овардем, назарияпардозӣ кардем, тамоми муваффақиятҳои миллии хешро дар ин самт тавассути васоити ахбори омма изҳор доштем. Ҳадаф аз ин, яъне бубинед, мо ҳам сиёсати давлатро дастгирӣ мекунем ва ҳам оиладории хуб дорем.

Вале суоле матраҳ аст, ки агар мо дар ин бахш мушкил надоштем, пас чӣ зарурат ба эълон доштани "Соли оила" дар Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ буд? Сарвари давлат дар ин Паём аз мушкилоти оила ва хатарзо будани онҳо муфассал ва ба мисолҳои мушаххас ҳарф заданд. Вале аксарияти мо гумон мекунем, ки агар аз камбудии хеш аз назари интиқод ҳарф бизанем, шояд моро нодуруст фаҳманд ва баъзе ашхоси масъул инро чун рафтори зидди сиёсати ҳукумат, талаққӣ ҳам бидиҳанд.

Аммо оне, ки айби хеш намебинад ва ё дурӯғро рост ташреҳ медиҳад аз бадтарини мост. Дар ҳеҷ давру замон мардуми мо одати дурӯғгӯиро намеписандид ва ҳамеша маҳкум мекард.

Инак, дар мушкилоти оиладории муосири мо низ чанд омилҳое ҳастанд, ки нодида гирифтани онҳо боиси дурӯғҳои иҷтимоӣ ва рушди онҳо гаштаанд.

Яке аз дурӯғҳои ошкорои замони мо дар оиладории баъзе соҳибмақому тоҷирон, ҳунармандон, вакилону кабирон ё таври мушаххас оилаҳои шинохта (публичный) роиҷ гаштааст, ки бо доштани маълумоти пурраи баръакс, миёни аҳолӣ, онҳо вонамуд мекунанд, ки оилаҳои хубу намунавӣ доранд.

Марди маъруфе зан ва маъшуқаҳои зиёди рӯирост дорад, вале дар варақаи аъмоли ӯ танҳо як зану фарзандони қонунии вай сабт мегардад. Гирду атроф хомӯш, чашм мепӯшанд, вале ин амали "ҷавонмардона" аз назари мардум пӯшида намемонад.

Занҳо низ гоҳо барои расидан ба мақоме ба никоҳҳои қалбакӣ ва ё оилаҳои бебунёд, дар ҷомеа дурӯғпароканиҳо мекунанд. Ҷомеа хуб медонад, ки ахлоқи марду занҳои шинохта чӣ гуна аст, вале гӯё аксар кару кӯру гунг мешаванд. Зеро метарсанд. Аҷаб.

Аз дурӯғ гуфтан наметарсанд аз гуфтани рост ҳарос доранд. Зеро ростгӯӣ ғолибан боиси сархурӣ шудааст.

**Хоса обрӯи оиладорӣ, ки аз чашми ҷомеа пӯшида нест. Пас, чӣ заруратест, ки ба чунин дурӯғҳо дар оиладорӣ, ки хислати як инсони навтавлид маҳз дар он ҷо шакл мегирад, хуну пӯсту банду басту шууру дарки майнаи ӯро бо дурӯғ сохта кунем, то дигар ҳеҷ гоҳе ба ростӣ рӯ наорад, ниёз нагзорад.**

Пас, он тифлакону наврасоне, ки дар чунин хонадон ба воя мерасанд, магар метавонанд қабул кунанд, ки дурӯғ гуфтан, беҳуда лоф задан, фиреб додан, каззобӣ кардан гуноҳ аст? Кори нохубу хилофи ҳақиқату ростист? Албатта не.

Чун об аз саргаҳ лойолуд мешавад, ин дурӯғҳои шинохтаҳову соҳибмақомонро ҷомеа гӯё "қабул" мекунад. Вале аксар мардум дигар бовар баҳамро гум кардаанд. Ҳеҷ касе "зоғи сафед" шудан намехоҳад, ки аввалин шуда ҳарфе дар ин бора бигӯяд.

То замоне, ки мо дурӯғро аз зиндагии худ берун накунем, ба ҳақиқат намерасем. Ҳар чизе, ки ҳақиқат надорад, нопойдору сунъист. Ва ҳар чизе, ки устувор нест, бебақост. Хоса обрӯи оиладорӣ, ки аз чашми ҷомеа пӯшида нест. Пас, чӣ заруратест, ки ба чунин дурӯғҳо дар оиладорӣ, ки хислати як инсони навтавлид маҳз дар он ҷо шакл мегирад, хуну пӯсту банду басту шууру дарки майнаи ӯро бо дурӯғ сохта кунем, то дигар ҳеҷ гоҳе ба ростӣ рӯ наорад, ниёз нагзорад.

Яъне, агар доштани никоҳи расмӣ яке аз воситаҳои нигаҳдории мансаб, мақом ё обрӯи иҷтимоӣ аст, пас бояд аз баҳри манъи бисёрникоҳии "табу"-гаштаи қариб ба расмият даромада гузарем ва ё дузанагии рӯиростии иҷтимоиро ба низом дарорем. Роҳи дурусти ин гуна зиндагии оилавиро бояд дарёфт.

Марди маъруфе, агар зани ҷавон мегирад ё маъшуқаҳои доимӣ дорад, ақаллан барои бастани даҳони зани қонунӣ ӯро бо хонаву дар ва хӯрду хӯрок таъмин мекунад, фарзандонашро дар мактабҳои хуб мехононад ва духтаронашонро дар оилаҳои бой ба шавҳар медиҳад. Яъне, ғами ояндаи онҳоро мехӯрад. Ҳатто маъшуқаҳоро ҳам бо вазифаҳо таъмин мекунад ва инро дар ҷомеа, миёни мардум ҳама медонанд.

Оё дар хонае, ки фарзандон ва модар ҳамагӣ хуб медонанд, марди ин хонадон, яъне шавҳар ва падар, оилаи дигаре низ дорад, метавон умед баст, ки кӯдакони онҳоро тавассути таблиғи воситаҳои ахбори омма ва маҷлису чорабиниҳо дар рӯҳияи оиладории хуби тоҷикӣ тарбия кард? Не, чаро, ки амалия ҳамеша аз назария муассиртар аст.

-Як замоне шояд барои он аз моҷарои бисёрникоҳӣ чашм пӯшидем, ки масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ сабабгори бешавҳар мондани духтарони зиёде гашта буд. Мардони "зирак" аз ин ҳол истифода карда, гирифтани занҳои навашонро ба хотири фоҳиша нашудани духтарони ҷавон ташреҳ доданд, - мегӯяд як ҳамсуҳбатам. Вале, мутаассифона, зани дуюмро аксар мардон аз миёни духтараккони ҷавони берӯ, ё беваҳои таҷрибадори аз ҳаёти шаҳвонӣ огаҳ интихоб мекунанд,- инкор мекунад нафари дигаре. Яъне, на аз рӯи шариат ва на аз рӯи қонун ин гуна оиладорӣ ҷавобгӯи ягон талабот нест. Вале ин дурӯғҳоро мо дидаву дониста таҳаммул мекунем. Мутаассифона ин тарзи ҳаёт беш аз пеш анъанавӣ гашта истодааст.

-Ман нахостам чун як барномаи (проекти) оилаи хушбахт барои шавҳарам дар ҷомеа боқӣ бимонам. Чун ба болоям зан гирифт, талаби талоқ кардам. Гуфтам: "Ё ӯ ё ман". Вале касе ин интихоби маро напазируфт. Хурду бузург, донову нодон, мансабдору деҳқон, зану мард, худиву бегона насиҳатам мекарданд: "Ту бо чунин ҳолат танҳо нестӣ, ҳамин қадар занҳои дигар ҳам бо дузанагии мард муросо карда гаштаанд. Шавҳар кам намешавад. Гашта-гашта дар пирияш боз ба пешат меояд. Бубин фалониву беҳмадониро охири охирон пиру бемор шуда, боз ба хонаи худ баргаштанд. Шӯи ту ҳам гашта-гашта, сер шуда бозмегардад. Обрӯяшро нарезон, аз як даҳан нонат намон, пеши ҳақу ҳамсоя, хешу табор, қудаву анда ва ҳамкорону дӯстон худатро шарманда накун, - мегӯяд ҳамсуҳбатам, зани 45- солае, ки ҳанӯз осори пирӣ хате ба рӯяш накашида.

Аҷабо, дурӯғҳо ва қабули ҷомеаро бубинед. Ғарриву бевафоиро шавҳар кардаву занро аз шармандагӣ метарсонанд? Оре, воқеан ҷомеаи мо ҳамеша заифонро гунаҳгор мешуморанд. Ин дурӯғҳои оиладории мо бо чандин лексияву баромадҳо ва чанд намоишгоҳу озмунҳо, консерту барномаҳои телевизионӣ ва мақолаву китобчаҳо пӯшонида мешаванду боз чун захми носур бетабобат рӯпӯш мегарданд. Вале онҳо дард мекунанд, хунчакон мемонанд, ба марг мерасонанд. Оилаҳоро ба ноустувориву бесуботӣ мебаранд, эътиқодро ба никоҳ ва ҳамсарӣ мешикананд. Дурӯғро қабул кардану дар рӯҳияи дурӯғгӯӣ тарбия кардани фарзандон хатари номустаҳками оилаҳоро боз ҳам меафзояд. Мутаассифона онҳо низ баъдан боз чунин оиладории дурӯғинро такрор мекунанд.

Зане зимни суҳбат изҳор медорад, ки шавҳараш шахси шинохтаву ҷамъиятист ва ӯ барои нигоҳдории обрӯи хеш дар берун чун шавҳари намунавӣ шинохта мешавад, аммо дар хона золимест, ки на раҳм ба ҳамсар дораду на меҳр ба фарзандон.

-Ман зиёда аз сӣ сол барои нигоҳдории мансаб ва обрӯи ӯ дар ҷомеа сабру таҳаммул карда, чун як зани содиқу сархам ва фармонбардор зиндагӣ кардам. Вале ӯ ҳар дафъа бо хиёнаткориву золимияш ҳаёти маро талх кардаву саломатиамро ба бод додааст. Аз ин сӣ соли ҳамзистӣ мо соле барои ҳам назистаем. Ҳамаи зиндагии дурӯғини мо ба хотири фиреби ҷомеа буд. Инак, ман ба қавли ӯ пир шудаму ӯ пайи бевазани ҷавоне рафтааст. Вале,-мегӯяд зан, - то ҳол шарм мекунам бигӯям, ки бешавҳарам.

Яъне, мардон ё занон гоҳо қурбони обрӯи якдигар мешаванд. Ба хотири нигоҳдошти обрӯи иҷтимоии яке аз ҳамсарон умр ба бод медиҳанду сабурона ба умеди он дунё таҳаммул мекунанд. Аҷиб он аст, ки агар бо ҳаминҳо ҳам фарз кардем журналисте мусоҳиба орояд ва ё онҳоро дар маҷлисе сухан бидиҳанд, ҳатман онҳо "сирри муваффақиятҳои оилавӣ"-и хешро дар "ҳамдигарфаҳмӣ" унвон мекунанд. Вале росту воқеияти зиндагиашонро намегӯянд. Зеро ҷомеа дидаву дониста ба таври оммавӣ шунидани дурӯғро мепазирад, нисбати оне, ки воқеиятро қабул кунад. Ҳатто воқеияти зиндагии худро.

Мардум аз айб кардан метарсанд ва ин айб ҳам аксаран ба зан, ба ҳамсар нисбат дода мешавад. Ҷомеаи мардсолори мо дурӯғҳои зиёдеро пазируфтааст, ки онҳо ҳамагӣ барои нигаҳдории обрӯи мард, яъне шавҳар бофта шудаанд.

Шояд ҳамин аст, як сирри оиладории "муваффақ?"

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

PS: **Паҳлӯҳои дигари дурӯғҳои оиладории мо, дар мақолаҳои баъдӣ кушода хоҳанд шуд. Зеро, агар бо эълон шудани Соли оила ҳам мо дар истиқрори хонавода саҳме гирифта натавонем ва бо истифода аз махсусиятҳои оиладории шарқӣ ва тоҷикӣ хонаводаҳои худро мустақар накунем, пас…**
**Агар шумо ҳам назаре доред, бо мо дар тамос бошед.**

# Монополияи бозор

## ё худ деҳқон чӣ гуна маҳсулоти худро фурӯшад?

**Кормандони ҳафтаномаро одате ҳаст, ки хӯроки нисфирӯзиро якҷоя тановул мекунанд. Ҳаргоҳ моро майли тановули оши палав пайдо шавад, бо ҳамовозии аксарият роҳ сӯи ошхонаи паҳлӯи автовокзали пойтахт, ки он ҷо таббохе бо номи Маҳкам палави хушлаззат омода мекунад, пеш мегирем.**

**АГАР** шумо ҳам майли баҳрабардорӣ аз ин хӯроки болаззат дошта бошед, кӯшиш кунед, ки аз соати ёздаҳ дер накарда дар навбат истед, вагарна дар муддати 30-35 дақиқа 40-45 кило ош харидорӣ мешаваду аз тановули он бебаҳра мемонед. Ин ҳодиса чандин маротиб ба сари ман омада буд.

Афзалияти ин макон боз дар он аст, ки иштиёқмандони тановули меваю сабзавот имкони харидории онҳоро аз фурушгоҳҳои сари роҳ доранд. Маҳсулоти номбурда дастранҷи деҳқонони водии Ҳисор асту аксари фурӯшандаҳои бозорҳои пойтахт меваю сабзавоте, ки аз навоҳии Рӯдакӣ, Ҳисор ва Шаҳринаву Турсунзода оварда мешавад, бо нархи дилхоҳ харидорӣ карда, дар растаҳои ба иҷорагирифтаи худ бо нархи дучанду сечанд ба фурӯш мегузоранд.

Чун тез -тез ба ин макон меоям, аксари фурӯшандаҳои сарироҳӣ бароям шиносанд. Қатори ин чеҳраҳои шинос, ки баробари аз наздашон нагузаштан молу маҳсулоти худро сифаткунон ба харидории он далолат мекунанд, аҳён нафаронеро вохӯрдан мумкин аст, ки аз ҳунари савдогарони сарироҳӣ гаранг шуда, гоҳо саволи харидоронро дар бораи нархи маҳсулоти ба фурушовардаашон ношунида мемонанд. Ба чунин зани миёнасоли "савдогар"-е вохӯрдам, ки анор мефурӯхт. Вақте ки нархи анори худро панҷ сомонӣ баҳогузорӣ кард, нобоварона боз пурсидам, ки анори шумо чанд сомонист. Зан бо табассуми малеҳ ҷавоб дод, ки гуфтам-ку панҷ сомонӣ. Ва бо исрор хоҳиш кард, ки маззаашро чашида бинам. Чунин ҳам шуд. Анори ширине буд, ки аз чашидани маззаи он ҳаваси кас меомад. *«Нӯши ҷон шавад, бачаҷон, бемалол хӯред, ин маҳсули дасти худам аст.»* Табиист, ки харидор аз чунин муносибати ҳалимона ва нархи дастрас ба назди фурӯшандаи дигар рафта наметавонад. Вақте ки ин деҳқонзан барои ман анорро дар тарозу мекашид, ҳис кардам, ки барои харидории меваи вай аз паси ман чанд кас дар навбат буд. Ва ногуфта намонад, ки чунин анор чанд қадам дуртар бо нархи даҳ сомонӣ фурӯхта мешуд. Ва фурӯшанда зане аст, ки ман ҳар гоҳи ба ҳамин ҷо омадан медидам.

Яқин аст, ки мафҳуми бозор дар ҳаёти рӯзмарраи мардуми тоҷик нақши калидӣ дорад. Дар гузашта бозор баробари макони хариду фурӯш ҷои истироҳату фароғат, дарёфти иттилоот, дидорбиниву баланд бардоштани савияи ҷаҳонбинии сокинон буд. Имрӯз низ бозор баробари муомилоти савдоӣ баёнгари ҳаёти воқеии иқтисодиву иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии сокинон мебошад. Бо назардошти равнақи фаъолияти бозорҳо дар қаламрави мамлакат саволе ба миён меояд, ки оё бозор вазифаи аввалини худ - таъмини маҳсулоти истеъмолии мамлакатро ба маънии том ба ҷо оварда метавонад? Мушоҳидаи рӯзмарра собит месозад, ки ҷавоби ин савол манфӣ хоҳад буд. Зеро дар вазъи кунунӣ аксари маҳсулоти истеъмолӣ моли хориҷӣ асту новобаста ба назорати мақомоти мухталиф на ҳама вақт муомилоти хариду фурӯш, нигоҳдорӣ ва пешниҳоди мизоҷ гардонидани он тибқи талабот ба роҳ монда мешавад.

Бо назардошти танзими фаъолияти бозорҳо дар пойтахт бо ибтикори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе раёсати КВД -и "Савдо ва бозорҳои шаҳри Душанбе" вазифадор гардидаанд, ки фаъолияти савдоро дар бозорҳои "Саховат", "Шоҳмансур", "Деҳқон", "Қарияи боло" ва дигар мавзеъҳои тиҷоратӣ назорат намуда, ба танзим оваранд. Дар муқоиса ба солҳои қаблӣ дар ин самт корҳои назаррас низ ба мушоҳида мерасанд. Бинобар риоя накардани қарори шаҳрдорӣ дар масъалаи танзими нарх дари бозорҳо баста шудаву то имрӯз фаъолият накардани бозори "Шому саҳар" гувоҳи назорати мақомоти маҳал аст. Бо вуҷуди пешравиҳо дар самти пешниҳоди молу маҳсулот ва фароҳам овардани шароити мусоид ба истеҳсолкунандагон маҳсулоти кишоварзӣ норасоиҳо ба чашм мерасанд.

Мусаллам аст, ки имрӯз деҳқони асилро дар бозор пайдо намудан амри муҳол аст. Шояд аксарият маро ноҳақ меҳисобанд, ки имрӯз туфайли таъмиру тарими роҳҳои кишвар ҳаракати бемамониати нақлиёт дар ҳама самтҳо муҳайё асту савдогарон маҳсулоро бевосита аз сари замин харидорӣ мекунанд. Вале ҳаёти рӯзмарра собит мекунад, ки на ҳама вақт маҳсулот аз сари замин фурӯхта мешавад.

Чаро масъулини бозорҳои пойтахт бо як амри хайр аққалан як растаро барои деҳқонон муҳайё намесозанд, то харидорон маҳсулоти дилхоҳи хешро аз дасти аввал харидорӣ карда тавонанд? Ба касе пӯшида ҳам нест, ки феълан як табақаи сокинон кулли маҳсулоти ниёзи аввалро ҳам аз фурӯшгоҳҳои муосир харидорӣ намуда, бозорравии худу аҳли байташонро барои худ таҳқир меҳисобанд. Пас чаро мо барои табақаи миёнаҳол ва камбизоати кишвар шароитҳои мусоидтаре фароҳам насозем?

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**



***Ноҳияи Файзобод ноҳияи аграрӣ буда, заминҳояш ҳосилхез ва ба кишти картошка мутобиқанд. Солҳои қаблӣ кишоварзони ноҳия дар зиёда аз ҳазор гектар заминҳои корами обӣ картошка ва сабзавот кишт карда, ҳосили фаровон ба даст меоварданд. Дар ноҳия соле ба ҳисоби миёна 30 ҳазор тонна картошка ва зиёда аз 1000 тонна сабзавот ҷамъоварӣ мешуд.***

# КАРТОШКАИ ФАЙЗОБОД КУҶО ШУД?



***Инчунин соҳаи боғу токдорӣ ва чорводорӣ рушд карда буд, ки аз ин ҳисоб буҷаи ноҳия ганӣ мегардид. Вале афсӯс, ки имрӯз ноҳия шуҳрати пештарааашро аз даст додааст. Дар ноҳия хоҷагиҳое буданд, ки аз ҳисоби меваю сабзавот ва гӯшту шир даромади бештар ба даст оварда, на танҳо дар ноҳия, балки дар ҷумҳурӣ ном баровarда буданд. Яке аз чунин хоҷагиҳо хоҷагии давлатии тухмипарварии ба номи А. Назиров буд, ки солҳои қаблӣ 5 ҳазор тонна картошка, 500-600 тонна мева, зиёда аз 100 тонна гӯшт ва 400 тонна шир истеҳсол мекард.***

***Хоҷагӣ чор фермаи чорвопарварӣ дошт, ки 1700 сар чорвои калони зоти бурлолитонию шведӣ парвариш меёфтанд. Танҳо дар фермаи комплексии деҳаи Фатҳобод зиёда аз 500 сар говҳои зоти бурлолитонию шведӣ нигоҳубин карда мешуданд, ки рӯзе аз як сар гови ҷӯшоӣ то 10-20 литр ва дар як сол то 5 ҳазор литр шир медӯшиданд. Воқеаҳои маълуми ҷумҳурӣ сар шуду ба қавле роҳбарону мутахассисони хоҷагиро Худо дод. Собиқ роҳбарони хоҷагӣ ҳодисаҳои маълуми ҷумҳуриро дастак карда , 1700 сар говҳои зотии ширдеҳро фурӯхта, маблағашонро обу лой карда бошанд ҳам, аз об хушк баромаданд. Аз чор ферма як фермаи комплексӣ, ки имрӯз 40 гови ширдеҳ дорад, боқӣ мондааст. Фермаҳои деҳаҳои Сарой, Орифон ва Заркамарро роҳбарони хоҷагӣ аз худ карданд. Дар мавзеи Туркмандараю Сардара даҳҳо гектар заминҳои корами обӣ, ки ба кишту истеҳсоли картошка мусоидат мекарду солҳои қаблӣ 2-3 ҳазор тонна ҳосил мебардоштанд, аз байн рафт. Роҳбарону мутахассисон, имрӯз дар заминҳои барои кишти картошка мувофиқ боғи нав бунёд намуда, ба рушди соҳаи картошкапарварӣ монеа эҷод кардаанд. Хоҷагӣ асосан тухмипарварӣ буда, бояд хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи марказро бо тухмии аълосифати картошка таъмин намояд. Аммо таи чанд соли охир зиёда аз даҳҳо гектар заминҳои ба кишти картошка мутобиқ собиқ роҳбарони хоҷагӣ бо дастгирии ҷонишини раиси ноҳия Зиёратшоҳ Акрамзода ба ашхосе, ки самҳдор набуданд доданду барои манфиати шахсиашон боғи нав бунёд карданд, ки дар натиҷа масоҳати замини картошка то ба имрӯз ба даҳ гектар омада расид, ки ба буҷаи хоҷагӣ садҳо ҳазор сомонӣ зарар ворид кард.***

***Собиқ раиси ҷамоати деҳоти Мискинобод Асомиддин Сайфиддинов бошад, аз мансаби хизматӣ истифода бурда, дар деҳаи Мӯминобод ва мавзеи Ғаниён даҳҳо гектар заминро аз худ кард, ки мухолифи моддаи 17 Кодекси замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин собиқ роҳбари хоҷагӣ Мумин Нуралиев аз мансаби хизматӣ истифода бурда, зиёда аз 5 га замини картошказорро аз худ карда, андози заминро то имрӯз намесупорад. Собиқ ёрдамчии прокурори ноҳия Аслиддин Раҳматов низ аз доираи ваколатҳояш берун баромада, даҳҳо гектар замини хоҷагиро ба ному насаби бародарон ҳуҷҷатгузорӣ намуда, боғ бунёд кард. Чӣ мегӯед, ки қонуншикании ӯ ошкор шуда, аз вазифа сабукдӯш карданд. Ин қонуншиканиҳо дар давоми нӯҳ соли фаъолияти хизматчии давлатӣ ҷонишини раиси ноҳия Зиёратшоҳ Акрамзода амалӣ шудааст. Тибқи дастуру супориши Роҳбари давлат хизматчиёни давлатӣ, дар ҳар 5 сол иваз мешаванд. Чаро дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ҷонишинони якуму дуюм ва раисони ҷамоатҳои деҳот, ки зиёда аз панҷ сол фаъолияти корӣ доранд, иваз намешаванд?***

**Ҳокими САФАР**

# МЕВА БОЯД КОРКАРД ШАВАД

## Ё ХУД ЭРОДИ САРДОРИ ДАВЛАТ ДАР БОБИ НАЧИДАНИ МЕВАИ ДАР БОҒОТ РЕХТА

**Дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурӣ" Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2012-2014" гуфта шудааст, ки ба бунёди боғҳо дар саросари ҷумҳурӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро ба хотири парвариши дарахтони мевадиҳанда дар кулли шаҳру навоҳии Тоҷикистон шароити мувофиқ фароҳам аст.**

**БАЪДАН** имрӯз дар мамолики гуногуни олам ба меваҷот, ба вижа меваҷоти Тоҷикистон, ки дар боғоти хушбоду ҳаво парвариш карда мешаванд талабот хеле зиёд аст. Аз ин лиҳоз Сардори давлат ба рушди ин соҳа эътибори ҷиддӣ медиҳанд, ҳатто дар бунёди чандин боғҳо ширкат варзида, ниҳолҳоро ҳам шинондаанд.

Дар Бадахшон аз замонҳои пеш боғҳо вуҷуд доштанад, аммо бунёди боғҳои калон ё худ боғҳои колхозӣ аз солҳои 50-уми қарни гузашта, асосан бо ибтикори зиндаёд, собиқ директори Боғи ботаникии Помир профессор Гурский оғоз гардид. Ин марди шариф асосан дар кӯҳдоманҳо боғҳоро бунёд мекард. Ниҳолҳо мешинонд, шогирдҳоро омода мекард, аз суди мева барои саломатии инсон ҳарф мезад. Дар Боғи ботаникӣ ниҳолҳоро парвариш карда, ба боғоти колхозию хусусӣ ройгон медод.

Боғдорӣ то дараҷае рушд ёфт, ки колхозҳо дар маркази вилоят ва марказҳои навоҳӣ дуконҳои фурӯши меваро кушоданду он ба яке аз соҳаҳои сердаромад табдил ёфт. Ҳамзамон бунёди боғоти хусусӣ низ авҷ гирифт.

Имрӯз дар Бадахшон ба боғдорӣ, махсусан дар ноҳияи Ванҷ эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Доманакӯҳҳоро ҳамвор мекунанд, заминҳои киштнобобро аз сангу хору хас тоза намуда, боғ бунёд менамоянд. Ванҷ ягона ноҳияе дар Бадахшон аст, ки боғдорӣ ба соҳаи хеле сердаромад табдил ёфтааст. Меваи шакарини боғдорони ноҳия дар саросари ҷумҳурӣ харидорони худро дорад. Боғдорони ин ҷо роҳи бозорро пеш намегиранд, худи соҳибкорони Хуҷанду Душанбею Қӯрғонтеппаю Кӯлоб наздашон омада маҳсулоташонро мехаранд ва даромади хубро ҳам ба даст меоранд. Боғдорӣ даст дод, ки сатҳи зиндагонии ин мардум хеле боло равад. Хонаҳои дуошёна дар деҳот, дар хориҷи кишвар таҳсил кардани фарзандонашон, рӯи ҳавлӣ пайдо шудани мошинҳои хориҷии қимматбаҳо аз баракати боғдорист. Ҳоло дар ноҳия Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Зиёратшоҳ" корхонаи коркарди меваю сабзавот фаъолият дорад. Ҳамзамон ба қадри боғу мева на дар ҳамаи навоҳии вилоят мерасанд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар сафари кории навбатии имсолаашон ба Бадахшон дар воҳӯрӣ бо фаъолони вилоят, ки дар шаҳри Хоруғ баргузор гардид, гуфтанд, ки дар боғоти деҳоти навоҳии вилоят зардолуи зиёде рехта пӯсидааст, аммо онро намечинанд.

Чаро чунин муносибат ба боғот, ба меваи биҳишт, ба неъмати хеле гаронбаҳо ранҷ шудааст? Иддае аз коршиносон бар онанд, ки чунин ҳолат шояд дар боғоти собиқ колхозӣ ва имрӯз дар дасти мардум мушоҳида мешавад. Дар деҳоти Бадахшон ҳар як оила боғи худашро дорад, ки талаботи оилаашро қонеъ мегардонад. Аз ин лиҳоз ба боғоти собиқ колхозӣ, ки ҳангоми тақсими замин гирифтаанду аз хонаҳояшон дуртар воқеанд, камтар эътибор медиҳанд. Одамон себро қоқ карда зимистон ба чорво медиҳанд. 3-4 сол қабл дар ин бора дар рӯзномаи "Минбари халқ" мақолаеро интишор додам, аммо афсус, ки тағйироте рӯи кор наомад. Дар Рӯшон, яке аз ноҳияҳое, ки боғҳои зиёде дорад, вазъият чӣ тавр аст?

Ҷавоби сармутахассиси Раёсати кишоварзии ноҳия Алибахш Маҳмаддодов чунин аст: "Дар ноҳияи Рӯшон дар ҳудуди 253 гектар боғ мавҷуд аст. Дар муҳити камзаминии кӯҳистон ин кам нест. Дар деҳоти ноҳия 5 сехи коркорди меваю сабзавот ба қайд гирифта шудаанд. Сехи "Ганҷи Бадахшон" меваи хушкро дар халтаҳо ҷо дода, ба фурӯш мебарорад. Сехи Мавҷигул Шамсиева сабзавоти гуногун ва аз меваҷот танҳо олуболуро коркард менамояду халос. Бинои сехи Мансурхон Саидхонов ҳанӯз нотамом аст. Дар маркази ноҳия низ як адад сехи коркарди меваю сабзавот ба қайд гирифта шудааст, аммо фаъолият надорад. Дар деҳаи Пастхуф низ дар сехе одамон қадре ҷунбуҷул доранд. Дар асл ҳамагӣ як адад сех комилан фаъолият дораду халос. Сабаби асосии нобудшавии меваҷоти боғотро иддае дар дурии бозорҳои калон чун Кӯлоб, Хуҷанд. Қӯрғонтеппаю Душанбе медонанд. Боғбон аз он, ки ба ин бозорҳо меваашро ворид гардонад, сахт зарар мебинад, зеро роҳкиро гарон аст".

Дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурӣ "Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2010-2014" омадааст, ки бонкҳо бояд барои чунин соҳибкорон қарзҳои имтиёзноки дарозмуҳлат диҳанд, дар асл бонкҳо хомӯшанд.

Дар Хоруғ идораи мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон аст, он бояд ба боғдорон алоқаи мустаҳкам дошта бошад. Филиали муассисаи давлатии муҳофизати рустаниҳо ба химикунонии кишоварзӣ боғдоронро бояд сариваққт бо доруҳои гуногун таъмин намояд. Институти биологии Помир бояд навъи себҳои ҷойдорро, ки зеби бозор нестанд, дигар кунад Дар навоҳии дигари вилоят теъдоди сехҳо нисбат ба Рӯшон хеле камтаранд ва ҳаҷми маҳсулоташон низ ночиз аст.

Коршиноси соҳа Алимардон



Маҳмадзиёев, нафақахӯр, собиқ муовини раиси ҷамъияти матлуботи вилоят мегӯяд, ки ягона роҳи дар Бадахшон ба соҳаи сердаромад табдил додани боғдорӣ ин эҳё гардондани идораи маҳсулоттайёркунии навоҳӣ аст, зеро дар даврони Шӯравӣ ин идора меваҷоти кулли боғоти вилоятро бо нархи дилхоҳаш харида, як қисмашро дар бозор ва қисми дигаравро хушк карда, ба кормандони ошхонаҳо мефурӯхт. Ин идора бо колхозу совхозҳо шартнома баста, меваҳоро бо нархи арзонтар мехариду баъдан ба нархи дастрас мефурӯхт. Ҳар ду тараф ҳам фоида медиданд

Коршиносони дигари соҳа бар онанд, ки то дар кулли навоҳии Бадахшон сехҳои пуриқтидори коркарди меваю сабзавот, ки дар як вақт ҳам меваю ҳам сабзавотро коркард намоянд таъсис наёбанд, дар ин боб беҳбудие рӯи кор намеояд. Ба хотири он ки мева беҳуда нобуд нашаваду аз он мардум фоидае бинад, бояд дар ҳамаи ноҳияҳо идораи маҳсулоттайёркунӣ ҳатман ташкил карда шавад. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии навоҳӣ дар ҳамбастагӣ бо соҳибкорон бояд на кам аз 6-7 сехи коркарди меваю сабзавотро бунёд намоянд.

**Лутфишоҳи ДОДО**

*Офатҳои табиӣ зери таъсири омилҳои гуногун ба амал омада, ҳисороти зиёд ба бор меоранд. Соли ҷорӣ дар ҳудуди кишварамон бахусус ноҳияҳои ВМКБ, Рашт, Нуробод, Мастчоҳ, Панҷакент, Айнӣ як зумра офатҳои табиӣ ба амал омаданд. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар садаи XXI ду масъалаи экологии глобалӣ тавъам ташаккул ёфтанд.*

# ТОҶИКИСТОН ВА ТАҒИРЁБИИ ИҚЛИМ

**АЗБАСКИ** баҳогузории иқтисодии ҳар як кишвар нахуст аз рӯи захираҳои обу замин гузаронида мешавад, ин ҷо моро зарур аст, ки мавқеи Тоҷикистонро дар ин самт бо далелҳои мушаххас арзёбӣ намоем. Дарвоқеъ, масоҳати Тоҷикистон 142,6 ҳазор $км^2$ буда, 93% -и он кӯҳсор аст. Тибқи арзёбиҳои илмӣ 80%-и ҳудуди кишварамон минтақаи фаъоли сейсмикӣ ва 60% -и он минтақаи сел, тарма ва ярч аст. Умуман 85000 км2 ҳудуди Тоҷикистон ба мавзеъҳои сел, тарма ва ярч мансуб мебошад. Далели мазкур моро водор менамояд, ки аз нигоҳи дигар вобаста ба мавқеи географӣ кишварамон зуҳуроти ин масъаларо арзёбӣ намоем. Далелҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки зиёни офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон ҳамасола тақрибан 70%-и ММД-ро ташкил медиҳад. Ин нишондод дар Қирғизистон 20% ва ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистан фақат 5%-ро ташкил медиҳад. Офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон солҳои 2000 - 2005 бештар аз 223,5 млн доллар зиёни иқтисодӣ овард. Аз он ҷумла дар ноҳияи Ҳамадонӣ бештар 50 млн. долларро ташкил дод. Соли ҷорӣ зиёни офатҳои табиии кишварамон зиёда аз 100 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Гарчанде дар матбуот имрӯз нисбати офатҳои табии Тоҷикистон бисёр ҳарф занем ҳам, аммо сабабҳои пайдоиши онҳо дар музофоти алоҳидаи мамлакатамон аз нигоҳи илмӣ мавриди пажӯҳиши олимону коршиносон қарор нагирифтааст. Ҳатто таъсири офатҳои табиӣ ба рушди иқтисоди ноҳияҳои алоҳида ва дар маҷмӯъ барои ҷумҳурӣ то ҳол муайян карда нашудааст. Аксари муҳаққиқон сабабҳои сар задании офатҳои табиии Тоҷикистонро аз лиҳози тамоюли тағирёбии иқлим баҳогузорӣ менамоянд.

Агар нишондодҳои тайи 50 соли охир ба дастомадаро таҳлил намоем, равшан мегардад, ки воқеан дар ҳудуди кишварамон тамоюли тағирёбии иқлим ба мушоҳида мерасад. Мувофиқи сенарияи тағирёбии иқлим мутахассисони соҳа пешгӯӣ намуда буданд, ки то соли 2050 афзоиши ҳарорат дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна ба 1,8 -2,90С мерасад. Шояд дар баъзе ноҳияҳо ин нишондод ба 4,90С расад. Баробари ин, таҳлилҳои гидрометерологӣ нишон медиҳанд, ки давоми солҳои 1970 - 2015 дар ҳудуди Тоҷикистон камшавии масоҳати пиряхҳо ва афзудани офатҳои табиӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар кӯҳсори Помиру Олой масоҳати пиряхҳо 11-16% ва ҳаҷми онҳо аз 12 то 17% кам шудааст. Тибқи пешгӯиҳо то соли 2050 дар Тоҷикистон ҳамасола бориш 3-5% меафзояд. Ин далелу андешаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳоло тағирёбии иқлим ба миқдор ва ҳаҷми захираҳои оби кишварамон мустақим ва ғайримустақим таъсир расонда истодааст.

Ин як масъалаи ҷаҳонии экологист. Чуноне ки озмоишҳо нишон медиҳад, дар ин раванд бухоршавии об дар Тоҷикистон 5-14% зиёд мешавад. Аз ин рӯ, талаботи растаниҳо ба об зиёд шуда, мутаносибан истифодабарии об дар соҳаи кишоварзӣ дучанд мегардад. Олимон пешгӯӣ мекунанд, ки гармшавии глобалӣ боиси афзудани фалокатҳои табиӣ дар кишварамон мегардад. Мутобиқ ба маълумоти расмӣ, зиёни офатҳои табиӣ ҳамасола 33 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Раванди пажӯҳиши тарғирёбии иқлим қобили дастгирист, аммо набояд фаромӯш кард, ки ҳамасола таъсири антропогенӣ ба табиати кишварамон афзуда истодааст. Махсусан баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва кандашавии ҳалқаи ягонаи системаи энергетикӣ. Ҳамон солҳо мушкилоти рӯзгор мардумро водор намуд, ки аксар намудҳои растаниҳоро ба сифати ҳезум ҷамъоварӣ намуда, онро чун сӯзишвории алтернативӣ истифода баранд. Аз рӯи ҳисоби мутахассисон дар давраи буҳрони сӯзишворӣ соле аз 13 то 15 ҳазор гектар бешазорҳои мамлакатамон нобуд шудааст, ки яке аз сабабҳои асосии бештар шудани селу лағшиши замин гардида, дар оянда низ таъсири манфии худро мерасонад. Аз ин ҷиҳат, сабабҳои ангезаи офатҳои табииро аз нигоҳи экологӣ бо диди заифшавии системаҳои экологии кӯҳсор ва раванди тағирёбии иқлим тавъам бояд омӯхт.

**Ҳасан АСОЕВ,**
*коршиноси масоили экологӣ*



# Худо худаш медонад...

## Чаро мо оддитарин натиҷаи дастовардҳои илмиро намепазирем?

**Оддитарин натиҷаи пажӯҳишҳою мушоҳидаҳои илмӣ пешгӯии вазъи обу ҳаво аст. Ин иқдом ҳамарӯза аз сӯи садҳо марказҳои ҳавошиносӣ анҷом мегирад. Маркази ҳавошиносии Тоҷикистон яке аз пойгоҳҳои пешгӯикунандаи чигунагии ҳолати ҳаво барои имрӯзу рӯзҳои дигар аст. Бо рӯи кор омадани шабакаи ҷаҳонии интернет ва фаъол шудани даҳҳо сайтҳои хабарӣ вазъи ҳавои Тоҷикистон ҳам дар баробари ҳар минтақаи дигари ҷаҳон бештару рӯшантар пешгӯишаванда аст. "Майл.ру", "Яндекс.ру", "Рамблер.ру" ва боз даҳҳо сайтҳои дигари маълуму машҳур ҳамарӯза, соат ба соат ҳолати обу ҳавои моро пешгӯӣ мекунанд. На фақат ҳолати обу ҳавои Душанбе, балки чандин шаҳру минтақаи дигари кишвари азизамон соат ба соат шиносоӣ шуда, натиҷаи марказҳои ҳавосанҷӣ рӯи саҳифаи ин шабакаҳои интернетӣ дар баробари ахбору рӯйдодҳои дигари олам дар ҳар ду соат ба нашр мерасанд.**

МАН аз маълумоти "Яндекс.ру" чандин сол боз истифода мекунам. Ба хусус дар мавсими тирамоҳу зимистон ва се моҳи баҳор тибқи иттилоияи маркази ҳавошиносие, ки ин сайт мунташир мекунад, кору рафторамро танзим месозам.

Ҳоло медонам, ки дар чунин айёми бо обу ҳавои зуд тағйирёбанда огоҳӣ доштан аз маълумот дар бораи вазъияти обу ҳаво хеле муҳим аст.

Ҳар боре, ки гуфтаи ҳавошиносон ба вазъияти ҳавои рӯз мутобиқу рост меояд, хурсанд мешавам. Аз кори даҳҳо маркази ҳавошиносӣ, ки шояд тавассути садҳо корманду муҳаққиқони машғул дар ин соҳа идора мешаванд, қаноатманд мегардам.

Медонам, ки натиҷаи кори чунин марказҳо барои танҳо ман бариҳо, ки шояд ба кори ҳавошиносон аз рӯи ҳавою ҳавас муносибат мекунанд, андаке аҳамият дошта бошад, аммо барои низоми гардишу парвози ҳазорҳо киштиҳои рӯиобию зериобӣ, ҳавопаймову чархболҳо, мисли оксиген зарур аст.

Албатта зарурати бештареро ба ин гуна маълумот кормандони бахши ҳарбӣ-техникӣ доранд ва тамоми барномаҳои худро бо натиҷаи (пешгӯиҳои) кори ҳавошиносон аз қабл мутобиқ месозанд.

Ҳама ин дастовардҳоро чун як чизи оддӣ ва лозим қабул доранд.

Аммо дар байни мо афроде низ ҳастанд, ки ҳар бор чун аз пешгӯии обу ҳаво гап кушоед, тамасхур мекунанд. Сухани обшустаи "Худо худаш медонад" аз як кунҷи даҳонашон мебарояд ва номи ширкатҳои ҳавошиносӣ дар забони ин гуна афрод ба истилоҳи "Дурӯғгӯ" ёд мешавад.

Агар маълумоти ҳавошиносиро фаҳмиданӣ бошанд, мепурсанд: "Дурӯғгӯ чӣ мегӯяд?" ё "Дурӯғгӯ чӣ гуфт?"- гӯён мепурсанд, вале чун маълумоти лозимро гирифтанд, боз ҳам, гӯё барояшон ҳеҷ аҳамияте надошта бошад, ҳукм мекунанд: - Худо худаш медонад…

Бароям хеле аҷиб аст, ки ин суханро гоҳе аз забони шахсони бо таҳсилоти олӣ ҳам мешунавам.

Соли гузашта як сайёҳи рус бо номи Фёдор Конюхов тамоми ҷаҳонро тасхир кард. Тани танҳо бо қаиқи муҷаҳҳаз бо нодиртарин техникаи замонавӣ масофаи 17 ҳазору 408 километрро аз роҳи уқёнусҳо дар 159 рӯз тай кард. Ин сайёҳ дар як марҳилаи сахти сафараш тавассути дастгоҳи мухобирот аз мушкилот хабар дод. Чанде аз коршиносон ба тӯфони баҳрӣ рӯ ба рӯ омадани сайёҳро фаҳмида дар мусоҳибаҳои матбуотӣ гуфтанд: -Ӯро марги сахту боазоб интизор аст.



*«Ин қаиқ фақат барои чунин як саёҳати тӯлонӣ сохта шуда буд ва дигар ба уқёнус намеравад. Дар пасманзари хонаҳои баландошёнаи шаҳр он ба назарам аз он рӯзҳое, ки дар қабзаи мавҷҳои уқёнуси Ором буд, боз ҳам хурдтар метобад. Ҳадаф аз ба Москва овардани қаиқ ин аст, ки ҳар касе, чӣ бузургсолон ва чӣ кӯдакон вақте барои диданаш меоянду ба он даст мерасонанд, бигзор худро лаҳзае дар оби беканори уқёнус эҳсос ва дарк кунанд, ки ҳар инсон бо ин ҷисми хурд бо дастрасӣ ба илми муосир метавонад масофаҳои тӯлонии обиро ҳам шино кунад. Ин муъҷизаи илмӣ ва маҳсули мағзи инсон дар сафаре бо дарозои 159 рӯз дар бузургтарин уқёнус ба ман хидмат кард.»*

*Фёдор Конюхов, сайёҳ ва адиби рус*

Аммо не, вай сарфи назар аз ин пешгӯиҳои бадбинона аз ҳолатҳои зиёди маргбор берун омада, чанд рӯз дертар аз замони ба нақшагирифтааш боз бо ҳаракату бел задан дар қаиқаш идома дод.

Чунин ба назар мерасад, ки нафароне аз мо нафақат ҳамин оддитарин маълумоти ҳавошиносиро намепазиранд, балки ҳар гуна дастоварди илмиро наметавонад қабул ва эътироф кунанд. Намепазиранд, то ҳар рӯзи худро ба он мутобиқ созанд, андак-андак барои беҳбуди кору рӯзгори ҳамагон кӯшиш намоянд. Инро сабаб чӣ бошад ҷаҳолат ё каҳолат? Нуқси зеҳнӣ, ё қабул надоштани худи илм бо тамоми тобишҳояш?

Ҳайрон мешавам, ин афрод дар бисёре аз мавридҳо навтарин телефонҳои бесим доранду бо моншинҳои нав мегарданд. Вале чун сухан аз пешгӯии марказҳои илмии ҳавошиносӣ рафт, худ хулоса мекунанд: "Дурӯғ мегӯяд. Худо худаш медонад". Ҳол он ки пешгӯии вазъи ҳаво фолбинӣ нест (амале, ки ислом рад мекунад, аммо тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, тӯда-тӯда бандагони Худо ба ин амал боз ҳам бовар доранд)…

5 ноябри соли 2015 тавассути ширкати DHL аз Англия қаиқе ба Москва оварда шуд, ки бо он Ф.Конюхов тани танҳо аз уқёнуси Ором аз соҳилҳои Чили то Австралия дар муддати 159 рӯз шино карда, рекорди ҷаҳонӣ гузошт. Ин рӯйдоди муҳими соли гузашта буд. Сайёҳи рус бо дидани қаиқи худ, ки бо навтарин таҷҳизот ва маҳсули саноати киштисозӣ таҷҳиз шудааст, бо ҳаяҷон гуфт, ки "Уқёнуси Ором, лаҳзаи ҳаракат аз бандари Кон Конаи Чили, моҳҳои шино дар обҳои беодам, ҷазираҳои Полинези Фаронса ва истиқболи гарм дар Австралияро ба ёд овардам. Пас аз саёҳат ин қаиқ бештар аз як сол пеши дӯстонам нигаҳдорӣ мешуд, аммо аз тақдири он доим дар ташвиш будам. Ҳоло, ки қаиқро ба назди хонаам овардаанд, хотирам ҷамъ шуд. Ин қаиқ фақат барои чунин як саёҳати тӯлонӣ сохта шуда буд ва дигар ба уқёнус намеравад. Дар пасманзари хонаҳои баландошёнаи шаҳр он ба назарам аз он рӯзҳое, ки дар қабзаи мавҷҳои уқёнуси Ором буд, боз ҳам хурдтар метобад. Ҳадаф аз ба Москва овардани қаиқ ин аст, ки ҳар касе, чӣ бузургсолон ва чӣ кӯдакон вақте барои диданаш меоянду ба он даст мерасонанд, бигзор худро лаҳзае дар оби беканори уқёнус эҳсос ва дарк кунанд, ки ҳар инсон бо ин ҷисми хурд бо дастраси бо илми муосир метавонад масофаҳои тӯлонии обиро ҳам шино кунад. Ин муъҷизаи илмӣ ва маҳсули мағзи инсон дар сафаре бо дарозои 159 рӯз дар бузургтарин уқёнус ба ман хидмат кард."

Қаиқи ин сайёҳ бо номи "Тургояк" фақат 9 метр дарозӣ дошта, аммо муҷаҳҳаз бо навтарин таҷҳизоти илмӣ буд. Он барои як нафар ҳам василаи шино буду ҳам маҳали таҳқиқу истироҳат.

Фёдор Филиппович Конюхов сайёҳ, нависанда ва рассом аз Русия аст. Вай пас аз таҳсил дар омӯзишгоҳҳои техникӣ ва дарёнавардӣ мадрасаи улуми диниро ҳам хатм карда, рутбаи ходим (коҳин)-и калисои православии Украинаро дорад. Муаллифи 9 китоб буда, аз соли 2001 то ба имрӯз дар беш аз 40 экспедитсия ва мусофиратҳои илмӣ иштирок кардааст. Ин марди 63- сола акнун мехоҳад бо кураи ҳавоӣ (баллон) аз болои уқёнус гузарад. Эълон шудааст, ки сайёҳ барномаи ин сафари худро рӯзи 19 ноябр дар як нишасти хабарӣ ба рӯзноманигорон шарҳ медиҳад.

Ҳоло боз дар бораи обу ҳаво. Нафаре гуфт: -Чанд сол пеш пас аз хатми донишгоҳ ба деҳа баргаштаму рӯзҳои боронӣ бо чатр мегаштам. Нафароне аз аҳли тасбеҳу сала эродам гирифтанд, ки "аз раҳмати худовандӣ худро панаҳ мекунӣ?"

Ҳоло ҳатто имоми масҷиди рустоямон чатр дорад, чатре, ки зераш чор нафар ҷой мегирад.

Ин нафар, ки бо зарофат сухан мегӯяд, дар мавриди "дурӯғгӯй"-ҳои ҳавошиносон гуфт: - Ҳоло шуғлам деҳқонӣ аст ва ба ин гапҳо кам эътибор медиҳам. Агар пешгӯӣ кунанд, ки фардо барф ё борон меборад, бовар мекунам ва корҳоямро то метавонам, имрӯз анҷом медиҳам.

Медонӣ боре чӣ шуд? Пешгӯии ҳаворо шунида, рӯзи якшанбе ба чидани чанд тан хурмои боғчаам сар кардам.

Ягон соат гузашта буд, ки ҳамсоя ба як пиёла чой даъват кард. Корро нотамом гузошта, рафтаму пас аз хӯрдани хӯрок зуд майли хестан кардам. Далел пеш овардам, ки интернет пагоҳ барф меборад, гуфтааст…Чун ҳаво офтобӣ буд, касе ба ҳарфам бовар накард ва яке аз рӯи одат гуфт: - Худо худаш медонад, инҳо аз куҷо мефаҳманд, ки пагоҳ чӣ мешавад?

Мо корамонро ҳамон рӯз тамом карда, бо хотири ҷамъ хоб рафтем. Саҳар хестам, ки барф зада, ҳама ҷоро сафед кардааст ва яке аз он нафароне, ки дирӯз ба суханонам тамасхур карда буд, болои дарахти ҳавлии худ бо дастони ларзон мева мечинд.

Хулосаи гапи ҳамсуҳбатам ин буд, ки агар маълумоти ҳавошиносонро қабул кунем, баъзеҳо ба маънои хориҷ шудан аз Исломро мефаҳманд. Сабаби паҳлӯҳои дигари илми муосирро қабул надоштани теъдоде аз калонсолону ҷавонони зери таъсири хурофот ва ҷараёнҳои гуногун мондаро ҳам дар ҳамин мебинам. Онҳое ҳам, ки борҳо ба ҳаҷ рафтаву дидаанд, ки дар ҳамон хонаи Худо аз навтарин таҷҳизоту кашфиёти илмӣ барои сабук кардани зиндагии мусалмонон истифода мебаранд, боз ҳам дониши навро қабул надоранд.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

## ТАЪРИХИ ШИНАИ АВТОМОБИЛ

**Пеш аз он ки рӯйпӯшҳои резинии чархи автомобил, ки ҳоло ба назар як чизи оддӣ ва назарногир аст, мавриди истифодаи умум қарор гирад, яке аз ихтироъкоронро муфлис карду дуввумиро, ки кори ӯро идома дод, комёб гардонд.**

**Таърихи рӯйпӯшҳои резинии чархи автомобил аз тирамоҳи соли 1830 оғоз мешавад. Ихтироъкори муфлисшуда савдогари америкоии машғули фурӯши сахтафзор Чарлз Гудир буд. Ӯ ҳамзамон бо тиҷорати қисмҳои оҳании автомобил ба ихироъкорӣ ҳавас дошт ва дар бораи моддаи каучук маълумот ҷамъ мекард. Ин маводи дорои хосиятҳои ба назар мӯъҷизанокро он вақт барои истеҳсоли пӯшок ва пойафзол истифода мебурдагӣ шуданд. Мӯъҷизаи ин мавод дар он буд, ки шахси дорои либос ва кафши каучукӣ аз нами оби боронҳои сахт ҳам дар амон буд. Гудир пас аз ҷамъоварии иттилооти лозим дар бораи маводи каучукӣ хост ба истеҳсоли маҳсулоте бо истифода аз он барои мошинҳо оғоз кунад. Аммо аввалин маҳсулоти аз каучук сохташуда хеле зуд ҷанҷол барангехт. Маълум гардид, ки каучук гармиро намебардорад. Плаш ва кафшҳое, ки муштариён тирамоҳ харида буданд, дар баҳор бо расидани нурҳои офтоб об шуда, ожанг заданд. Ширкате, ки маҳсулоти каучукӣ мефурӯхт, муфлис гардид. Чарлз аз ин рӯҳафтода нашуда, бо таҳаммул дар ҷустуҷӯи воситаи дароз кардани умри маҳсулоти каучукӣ шуд. Вай ҳар замоне, ки фурсат пайдо меёфт, дар ошхона таҷриба мегузаронд, ҳар чизе, ки бо каучук омезиш додан мумкин буд, ба он ҳамроҳ мекард. Гоҳе маводеро бо ин модда меҷӯшонд, ки ба тамом қобили қабул набуд. Ӯ боре панири голландиро бо каучук омезиш дод ва дафъаи дигар каучукро ба кастрюли шӯрбо партофта ҷӯшонд.**

**Аммо натиҷаи мусбат аз ин таҷрибаҳои ғайриоддӣ фақат пас аз 9 соли кӯшишҳояш ба даст омад. Дар ин муддат Гудир тамоми тиҷораташро харҷи таҷрибаҳои худ карда, қарзи зиёд ҳам бар дӯш дошт.**

**Дар рафти таҷрибаҳояш вай тасодуфан кореро кард, ки имрӯз бо номи вулканизатсияи каучук маълум аст. Ин ихтироъ роҳхате барои умри дубора пайдо кардани саноати резинотехникӣ дар ҷаҳон шуд.**

**Аммо худи ихтироъкор он замон дигар тавону ҳавсалаи идомаи кор дар ин бахшро надошт ва натавонист аз маҳсули заҳматҳояш баҳра гирад. Гарчанде пас аз эътирофи натиҷаи корҳояш давлат ӯро тақдир карда орден дод, аммо худи ихтироъкор дар камбизоатӣ ва бо қарзҳои калон аз дунё гузашт.**

*Солҳои кор тахти сарварии оқилона, одилона, омирона ва хоксоронаи Носирҷон Маъсумӣ ба ҳайси Раиси (директори) Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон бо чашми сар медидам, ки ҳар дақиқаи умри устод барои анҷому иҷрои супоришҳои азими илмию ҷамъиятиву давлатӣ тақсим шуда буду эшон ба "сарҳорӣ" вақт надоштанд. Ягона воситаи истироҳат, лаҳзаҳои осоиш ва ғизои моддию маънавиашон беист кашидани сигори "Новости" буд. Баъзан дар дафтари кориашон аз паси дуди тамоку наменамуданд... Сабаби умри кӯтоҳ дидани Маъсумӣ корборон, вазифаборон ва азобборону захмату ранҷборон шуданашон аст.*

# МАРДЕ, КИ ДОИРАТ-УЛ-МАОРИФ БУД

**Носирҷон Маъсумӣ** (02.05.1915, деҳаи Қаратоғ - 16.08.1974. ш. Душанбе) пас аз хатми курси дусолаи омӯзгории Самарқанд (1930) дар синни 15-солагӣ дар омӯзишгоҳи шуҳратманди омӯзгории Панҷакент ба ҳайси вожатии пешоҳангон (пионерон) ва муаллими забони тоҷикӣ шаш сол кор кард (1930-1936). Пас аз хатми Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) аз соли 1940 дар ҳамин донишкада ба ҳайси муаллим - устод, мудири курсии (кафедраи) забони тоҷикӣ (1940-1948), мудири курсии адабиёти тоҷик (1948-1953), ноибраиси (проректори) илм (1953-1956) ифои вазифа кардааст. Чанд сол мудири курсии забон ва адабиёти Мактаби хизматии назди КМ ҲК Тоҷикистон буда, аз ин фанҳо ба шунавандагон дарс додааст. Аз соли 1959 раиси (директори) Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таъин гардид.

Маҳз бо саъю талошҳои бесобиқаю қобилияти ташкилотчигӣ, муносибати одилонаву оқилонаву омирона ба кору кормандон, маърифату маданияти баланд, хоксорию фурӯтанӣ, меҳрубонӣ, ҳамаро бо як чашми заррабин дидану бо ҳама муносибати инсоннавоз доштан ин пажӯҳишгоҳи ба маркази баҳсу талошҳои беҳуда, тарафкашиву маҳалбозӣ, гурӯҳбозию ноиттифоқӣ табдилёфтаро тавассути даст ба дасти ҳамдигар додану аз як гиребон сар бароварданӣ мудирони шуъбаҳо аз қабили М. Шакурӣ, Р. Амонов, Р. Ҳодизода, Р. Ғафforов, Ш. Рустамов, Х. Отахонова, Д. Карамшоеву кормандонаш ба маркази бузурги таҳқиқу нашри илми филологияи тоҷик, аз ҷумла забону адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ, луғатшиносӣ, лаҳҷашиносӣ, помиршиносӣ, ҷамъоварӣ, таснифу таҳқиқи мероси адабии адибон ва маркази тарбияти кормандони баландихтисоси илмӣ табдил ёфт. Бузургтарин дастоварди илмии ин солҳо ба нашр расидани "Фарҳанги забони тоҷикӣ" дар ду ҷилд (1969), ки яке аз муҳарриронаш худи устод Маъсумӣ буданд, маҳсуб мешавад ва дар илми фарҳангшиносии мо собиқа надошту надорад. Бо масъулияти азим мегӯям, ки Носирҷон Маъсумӣ ин пажӯҳишгоҳи ба ғайбатхона, хусуматхона, ниқорталабӣ ва ба рӯҳияи ғайри корӣ табдилёфтаро ба маркази муҳити оромӣ осуда ва фазои дӯстиву бародарӣ табдил дод ва миёнҷии кашмакашу хусумат ва дӯстиву бародариву фазои мусоиди илмӣ аксар худи устод Маъсумӣ буданд.

Дар тӯли солҳои кору фаъолият дар пажӯҳишгоҳ ва Академияи улум боре надидаам, ки устод Маъсумӣ дар маҷлису конфронсҳо ва баҳсҳои илмӣ матни маърӯза омода кардаву қироат карда бошанд. Вале ҳамеша дар як варақча (карточка) чанд калима (номи мавзӯъ) менавиштанду муддати тӯлонӣ "маърӯза"-ву суханронӣ мекарданд ва аксар андешаҳояшон наву ноб буданд. Устод барои маърӯзаву гузориш навиштан вақту имконият надоштанд ва иҷрои ин корро мисли дигар роҳбарон ба дӯши касе (шогирдону зердастон) вогузоштан намехостанд. Касе навиштанҳои устодро дида бошад, медонад, ки чи навъ бо муҳаббат, оҳиста-оҳиста, чидачида ва канда-канда зебо менавиштанд, ҳусни хаташон чун «дандони мор» ва мисли ҳусни худу ҳусни дилдорашон зебову дилкаш буд. Табъи баланди шоирӣ, қироату сурудани шеър доштанд, шину хез, гашту гузор, гуфтугӯ, суҳбатҳояшон ҳама шоирона буд. Аниқтараш устод Маъсумӣ шоир зода шуда буданд ва шоирона зистанд.

Яке аз шогирдони устод Маъсумӣ Муҳаммадҷони Шакурӣ навишта буданд: "Таҳқиқоти илмии Маъсумӣ "Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи якуми асри XIX" дар адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик аҳамияти калонеро соҳиб аст. Он асарҳои Маъсумӣ, ки дар бораи масъалаҳои гуногуни адабиёти советии тоҷик навишта шуданд, низ дорои таҳлилҳои амиқ ва ҷамъбастҳои васъатноке мебошанд" .

Яке аз қисматҳои умда, муҳим ва барҷаставу арзишманди фаъолияти илмии Носирҷон Маъсумӣ масоили забоншиносиву маданияти сухан маҳсуб мешаванд.

Охирин бор устодро як рӯз пеш аз маргашон дида будам. Бегоҳи шанбе баъди кор аз пиёдароҳи назди раёсати Академияи илмҳо мегузаштам, ки устод дар назди дари даромади бинои мазкур сигор кашидаву равуо доштанд. Аз дур дастҳо пеши бар гирифта салом кардам, сар ҷунбонида бо ишораи даст сӯяшон хонданд. Чун наздашон расидам, даст барои вохӯрӣ дароз карда, "директоратон чаро ин хел мекунад? Як соат боз "ҳозир меоям" - гуфта маро бе ресмон баста мондааст. Рафтан даркор..." Ман ҳайрухуш карда рафтам... Ҳамон бегоҳ ҳамроҳи ҳамсарашон ба истироҳатгоҳи адибон дар рӯ ба рӯйи "Чорбед", ки худ номгузорӣ карда буданд, рафта то поси шаб ҳамроҳи Лоиқу Сорбону Валӣ Самад... суҳбату маҷлиси унс ташкил карда, субҳи 16-уми август ҳамсарашон устодро аз рахти хоб мурда дарёфтаанд. Бегоҳи якшанбе бояд дар тӯйи арӯсии Парвизи Турсунзода даврагардонӣ мекарданд. Устод дар умри сарашон бори аввалу охир ваъдахилофӣ карданд...

**Юсуф АКБАРЗОДА**



# Заъфи руҷӯъ ба сарчашмаҳо

**Андешаҳо дар атрофи рисолаи исломшинос Тоҳир Рашид "Аҳамияти омӯзиши илм дар Қуръон ва арзиши он барои тарбияи насли наврас"**

**Боиси** хушнудӣ аст, ки солҳои охир нафароне дар илми Қуръон қалам ба даст атрофи он таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, ба дараҷаҳои илмӣ шарафёб мешаванд, яке аз онҳо Тоҳир Рашидов мебошад. Банда рисолаи ӯро дар мавзуи "Аҳамияти омӯзиши илм дар Қуръон ва арзиши он барои тарбияи насли наврас" дар назар дорам, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика таълиф намудаанд.

Рисолаи мазкур доир ба масъалаи Қуръон дар бораи илм ва аҳамияти он дар тарбияи насли наврас баҳс мекунад. Гарчанде ки дар ин мавзӯъ қаблан ҳам олимон андешаҳои фаровон гуфтаанд, аммо ин рисола маҳз такрори хушку холии онҳо нест, балки аҳамияти он барои тарбияи насли наврас мутобиқ ба давғони истиқлолияти Тоҷикистон ва равандҳои ҷаҳонишавӣ, Тоҷикистон ва минтақаҳои он, мутобиқ ба фарҳанги ҷомеаи мушаххас - этносотсиокултура навишта шудааст.

Дар илми педагогикаи тоҷик тавассути рисолаи номбурда рӯй овардан ба арзишҳои таълимӣ ва тарбиявии Қуръон ва аҳодиси набавӣ, андешаҳои бузургони дин ба назар мерасад. Албатта, ин шоистаи таҳсин аст ва онро арҷгузорӣ ба таълимоти дини мубини ислом номидан равост.

Дар боби якуми рисола, ки "Назарияи таълиму тарбияи исломӣ" унвон дорад, доир ба пайдоиши мадрасаҳо, масҷидҳо ва китобхонаҳо маълумоти таърихӣ дода шудааст. Аз ҷумла дар бораи вазъи илму уламо дар давраи хилофати Аббосиён маълумоти муфассал ҷой дорад. Аммо ба назар чунин мерасад, ки маълумоти зикркардаи муаллиф такрори таърих аст.

Дар таърихи ҷаҳон бори аввал ба ғайр аз мадрасаю, китобхонаву масҷидҳо дар дохили ислом муассисаҳои махсуси ятимпарварӣ аз ҷониби занони хонадони ҳазрати Алӣ (раз.) таъсис дода шуда буд, ки дар ин бора ишорае нест. Агар ин гуна маълумот низ ёд мешуду тарзи тарбия, касбу ҳунар омӯзондан ба ятимон баррасӣ мегашт, арзиши илмии ин боб муфассалтар мешуд.

Дигар масъалае, ки аз таваҷҷӯҳи муаллиф дур мондааст, таъсиси мадраса ва доруликматҳо дар қаламравӣ ориёиён аст. Мадраса, мактабдории мусулмонӣ, таъсиси академияҳо ва ба ҳам хонадони машҳури Навбахтиён тахти таъсири мактабдории диндабира, Ҷунди Шопур ва ғайраҳо арзи хастӣ намудаанд. Педагогика ва дидактикаи мусалмонон дар натиҷаи синтези дастовардҳои олимону устодони Шарқу Ғарб - юнониҳо, сурёниҳо, форсҳо, суғдиҳо, бохтариҳо, хоразмиҳо ва халқҳои дигар пуркувват гардидааст, ки дар меҳвари асосии он Қуръон ва таълимоти динӣ қарор дошт.

Таъсиси мадрасаҳои Низомия аз ҷониби вазири хирадманди Салҷуқиҳо - Низомулмулк як падидаи нодир дар таърихи башарият буд ва калимаи "гимназия", ки имрӯз машҳур аст, шакли таҳрифёфтаи "низомия" аст. Муаллиф дар ин бора хомӯшӣ ихтиёр намудааст.

Барои исботи даъвоҳо муаллиф аз осор ва таълимоти олимон Ҷоруллоҳи Замахшарӣ, Муҳаммади Хоразмӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Имом Ғаззолӣ ва монанди инҳо ёдовар мешавад ва назарияи онҳоро баррасӣ мекунад. Аммо дар бисёр маврид таносуб риоя намегардад. Масалан, Абдурраҳмон ибни Халдун олими мағрибӣ аст. Афкори ӯ пешқадам ҳам ҳаст, аммо чаро афкори Закариёи Розӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (воқеан бо Ибни Халдун ҳамзамон аст) ёд намешавад? Ҳол он, ки дар ин замина худ як рисолаи муқоисавӣ навиштан мумкин аст.

Дигар аз норасоиҳо аз фишурдаи рисола бармеояд, ки руҷӯъ накардан ба осори андарзии ниёгонамон аст.

Дар замони Сомониён рисолаи ахлоқӣ ва ҳам маърифатие аз ҷониби олимони Мовароуннаҳру Хуросон эҷод гашта буд, ки "Панди пирон" ном дошт. Он ба забони нобӣ тоҷикӣ эҷод гаштааст ва шояд номи ин асар ба аксарият шинос набошад, гарчанд ки ба теъдоди фаровон чоп шудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф аз он истифода мекард. Насиҳатномаҳои сешумор дар таърихи тамаддуни мо бо забони тоҷикӣ офарида шудаанд, ки аз онҳо низ истифода кардан лозим меомад.

Дар тафсиршиносии муосири ҷаҳон равияи нав - тафсири мавзӯии Қуръон рушду нумӯъ мекунад. Ин равия дар тафсирнигории форсу тоҷик дар охири асри XIX пайдо гашт. Дар асри XX чанд асари заминавӣ ба вуҷуд омаданд ва дар асри XXI он рӯ ба тараққӣ ниҳодааст.

Боби дуюми рисоларо тафсири мавзӯии Қуръон ва илм номидан дуруст аст. Дар ин боб гоҳо дуршавӣ аз мавзӯъ ба назар мерасад. Дуруст аст, ки ин масъалаҳо дар доираи илми педагогика шояд нав бошад, аммо онҳо дар фалсафаи муосири ислом кайҳо ҳаллу фасл гаштаанд. Қисман ин масъалаҳо (ниг.с.23 доир ба шунавоии кӯдак) дар китоби "Ҷанин шиносии Қуръон" баррасии комил ёфтааст. Ва ё масъалаи изи дастон (с. 22) дар китобҳои файласуфон ва олимони муосир ва пешқадами ҷаҳони ислом Ҳорун Яҳё ва Абдулмаҷид аз-Зиндонӣ қайд гардидаанд.

Хуб мешуд, ки дар ин боб оятҳои мавзӯии Қуръон доир ба омӯзиши илм ва ба сипас аҳодиси набавӣ зикр мегардиданд. Масъалаҳои баррасишуда дар фишурда на ба тадқиқоти педагогӣ, балки ба таҳқиқи фалсафаи тоисломӣ шабоҳат дорад. Дар тафсиру шарҳи оёти Қуръон муаллиф агар ба тафсирҳои суннимазҳаби гузаштагонамон ба монанди "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ", "Тоҷ-ул-тароҷим фӣ Тафсир-ил-Қуръон ли аоҷим"-и Муҳаммад Шоҳфури Исфароинӣ "Тафсири Сурободӣ"-и Абӯбакр Атиқи Сурободӣ, "Тафсири Қуръони пок" ва амсоли инҳо руҷӯъ мекард, ба бозёфтҳои назарраси илмӣ ноил мегардид.

Ин пешниҳод ва таклифот барои беҳтар гардонидани сифати рисола аст ва аз муаллифи мухтарам хоҳонам, ки онро хӯрдагирӣ напиндоранд, зеро илм бе баҳс пойдор набошад.

Муаллиф хулосаҳои худро дар шакли пешниҳоду таклиф баён доштааст, ки бешубҳа ба ҳаёти кунунии ҷомеаи Тоҷикистон созгор аст. Воқеан, пешниҳодҳо ҷолиби диққат ва сазовори таҳсинанд. Дуруст аст, ки аҳамияти илмии Қуръон бояд ба насли наврас омӯзонида шавад.

Дар саҳифаи 27 дар чор банд таклифҳо зикр шудаанд, ки дар сурати амалӣ гаштанашон ба манфиати ҷомеаи Тоҷикистон хоҳад буд. Бар замми ин рисолаи номбурда чандин гумонҳои ғалатро доир ба тарбияи исломӣ инкор карда, воқеиятро исбот кардааст. Агар дастовардҳо ва хулосаҳои ин рисоларо омӯзгорон, шуъбаҳои маориф, мутахассисон ва олимони таҳиякунандаи китобу барномаҳои дарсии мактабҳо ва донишгоҳҳо ба инобат гиранд, нуран алонур шуда, фаҳмиши воқеии Қуръон ба амал меояд.

Тибқи талаботи навишти фишурдаи рисола адабиёти асосии иқтибосшуда бояд нишон дода мешуд, ки инро пайдо карда натавонистем.

Сарфи назар аз каму костиҳо рисолаи номбурда дар педагогикаи тоҷик як дастовард аст, ки тавассути он ба арзишҳои илмӣ ва тарбиявии Қуръону аҳодис руҷӯъ гардидааст. Месазад, ки матни комили рисола дар шакли монографияи манзури оммаи васеи хонандагон гардонида шавад.

**Ҳоҷӣ Ҳусайн МӮСОЗОДА,**
*номзади улуми суханшиносӣ, дорандаи ҷоизаи ба номи Б.Ғафуров дар соҳаи илм*



Дар ҷомеаи имрӯзаи мо дурӣ ҷустан аз фазилатҳои ахлоқӣ ва пойбанду ғуломи лаззатҳои моддӣ шудан боиси он гаштааст, ки дар байни мардум зуҳуроти гуногуне аз қабили худситоӣ, лофзанӣ, дурӯғгӯӣ, риёкорӣ ва амсоли онҳо ҳамчун арзишҳои давраи нав қабул гарданд ва тавсеа ёбанд. Дар миёни ин зуҳурот риё ва риёкорӣ ҳамчун разилатҳои ахлоқӣ ҷойгоҳ ва мақоми хоси худро дошта, вай дар ботини инсон пӯшида аст ва аз он фитнаҳои зиёде дар байни инсонҳо ба вуҷуд омадааст.

# РИЁ

Ҳакими бузурге фармудааст: "Бидон, ки ҳақиқати риё он бувад, ки хештанро ба порсоӣ фаро мардумон намояд, то хештан ба наздики эшон ороста бикунаду андар дили мардумон қабул гирад, то вайро ҳурмат доранд ва қабул ниҳанду таъзим кунанд ва ба чашми некӯ ба вай нигаранд".

Ба ибораи дигар риёкор шахсе аст, ки аслан моҳияту сурати вай як чиз буда, худро дар ҷомеа умуман дар шакли дигаре ҷилва медиҳад. Вай агар ҳар кореро, ки анҷом диҳад, ҳатман барои мақсаду мароме аст, то гӯянд: "фалон кас марди мардон аст". Ё ин ки садақае кунад, то гӯянд, ки "фалон мард сахӣ аст". Баъзеҳое ҳастанд, ки худро донандаи илмҳои динӣ ва дунявӣ мегиранд, то гӯянд "фалон мард олим аст".

Хосатан риёкорӣ дар ҷомеаи мо дар арафаи идҳои рамазону қурбон ба авҷи болои худ мерасад. Баъзе ба истилоҳ "тоҷирони ватанпарасти саховатпеша" ду қути равған ва як линча ордро бо ду-се сару либоси арзон ба сағирахонаҳо бурда, онро ба намоиши телевизионии "беҳтарин саховатпеша" табдил медиҳанд. Ё хатнасури ятимоне бекас ба як воқеаи фавқулоддае табдил меёбад. Ҷои таассуф аст, ки дар байни мардум аз рӯзаву намоз то ибодату ҳаҷу тӯй, ҷаноза маиту рӯзи таваллуд ҳама ба риёкорӣ табдил ёфта, дар талаби ҳашамат қарор доранд. Паёмбари ислом риёро "ширки кеҳин" номида, борҳо таъкид мекарданд, ки "Худо напазирад кирдоре, ки андар вай як зарра риё бувад", зеро "андак риё ширк аст". Пирони ҳаётдидаи мо ҳамеша хотирасон мекарданд: Одаме, ки садақа ба дасти рост диҳаду хоҳад, ки аз дасти чап пинҳон дорад, аз бузургтарин садақа маҳсуб мегардад.

Асли риё ин талаби ҷоҳу мақом буда, амалҳои риёкор оқибат ӯро ба нафрату душмании халқ гирифтор месозад. Риё фитна аст ва ӯ дар ботини инсон пӯшида буда, ва ҳар замоне бо кумаки нафси ҳайвонии вай ба ҷунбиш меояд ва мехоҳад, ки мардум ба ӯ сано хонанд. Санохонӣ боиси он хоҳад гашт, ки дар дили инсон кибру ғурур рустан мегирад ва ҳар рӯз он зиёд мешавад. Он гоҳ худхоҳӣ ва бузургманишинӣ дар вай зоҳир мегардад. Оқибат он шакли бемориро ба худ касб карда, инсон ба он одат мекунад ва аз он лаззат мебарад. Ин лаззатҳо боиси тамаъ аз мардум, ҳарисӣ ва даҳҳо разилатҳои дигари ахлоқӣ хоҳанд гашт.

**РИЁ ДАР ШАКЛҲОИ ГУНОГУН ЗУҲУР МЕКУНАД:**

**1.РИЁ БА СУРАТИ ТАН.** Баъзе аз одамон ба хотири расидан ба мақсадҳои ҷоҳталабонаи хеш дар доираи найрангҳои санҷидашуда сурату рӯи худро зард мекунанд, то аҳли ҷомеъ пиндорад, ки вай шабу рӯз ба қироату риёзат машғул аст. Баъзеи дигарон бо қошу қавоқ ва чеҳраи туршу рӯи гирифта ба одамон нишон медиҳанд, ки онҳо аз андӯҳи зиёде чунин шудаанд. Баъзеи дигарон мӯи худро шона накарда, ба сару либоси хеш диққат намедиҳанд, сухан бисёр оҳиста гуфта, овозашонро баланд намекунанд, то ин ки одамон пиндоранд, ки дар дили вай "виқори дин" аст ва ё "аламзада" ва "ғамгин" мебошад. Баъзеҳо лабу даҳони худро ҳамеша хушк нигоҳ медоранд, то одамон пиндоранд, ки вай рӯзадору ботақво аст. Гурӯҳи дигаре ҳастанд, ки ба саломи касе ҷавоб намегӯянд, чеҳраҳои худро кушода намедоранд, то мардум тасаввур кунад, ки вай ҳамеша дар фикри беҳбудии зиндагии ҷомеа ва пуркору ботамкинанд.

Дар ин бора паёмбар Исо гуфтааст: **"Чу касе рӯза дорад, бояд ки мӯй ба шона кунаду равған андар мӯй молад ва лаб ба равған чарб кунаду сурма андар чашм кашад, яъне то касе надонад, ки вай рӯза дорад".**

**2.РИЁ БА ЛИБОС.** Баъзеҳо либосҳои кӯҳнаву фарсуда мепӯшанд, то мардум пиндорад, ки шахси зоҳиду ботақво аст. Ё шахси фасодзада ва ришвахор ҳамеша як либоси нонамоён мепӯшад, то ҷомеа гӯянд, ки вай шахси одилу ростгор аст. Баъзеҳои дигар ҷомаи сафед ё саҷҷодаи суфиён ба бар мекунанд, то мардум пиндорад, ки вай шахси диндори воқеӣ, олиму донандаи илмҳои охират аст. Баъзеҳои дигаре ҳастанд, ки дар хона на барои падару модар, зан ва фарзандон ҳеҷ чизе намехаранд ва ҳама доройи хешро сарфи либосу мошин ва "карру фари" худ мекунанд ва ба дорандагону ба қавли эшон "калонон" худро наздик месозанд, то гӯянд вай бузургу тавонгар аст. Ё фарзандони хешро бо ҳар ҳилаву найранг ба тавонгарон ба шавҳарӣ ва домодӣ медиҳанд, то аз риёкорӣ манфиат баранд. Вале ин аблаҳон боре ҳам аз худ савол накардаанд, ки ба чӣ қимате арзиш доранд?

**3.РИЁ БА ГУФТОР.** Баъзеҳо дар ҳолати хомӯшӣ лаб меҷунбонанд, то ҷомеа фикр кунад, ки вай ҳамеша дар ҳолати тавбаву зикр қарор дорад, лекин ба хилват рафт ин корро умуман анҷом намедиҳад. Баъзеи дигар дар суханони худ аз мафҳумҳои мушкилфаҳму "тумтароқ" истифода мекунанд, то ин ки онҳоро олиму бузург пиндоранд. Ё ахбору ҳикоёт ва шеъру байтҳоро аз ёд мекунанд, то гӯянд: "Илми вай бисёр аст, китоб бисёр хонда, сафар бисёр кардааст".

**4.РИЁ БА ТОАТ.** Баъзеҳо дар назди мардум ҳамеша сари худро фуруд мебарад ва оҳиста роҳ рафта, сар ба пеш меафканад. Вале агар ӯро дар танҳоӣ назар кунӣ, хеле шитобзада буда, ҳангоми роҳ рафтан ба ҳар сӯ менигарад. Дар ҳолате, ки аз дур касеро мушоҳида кард, ҳатман ниқоби бозигарии худро бар рӯй мекунад.

**5.РИЁ ДАР ТАЪРИФУ ТАВСИФ.** Баъзеҳо зимни суханронии худ гаштаву баргашта таъкид месозад, ки вай хешу табор ва ақрабои бузургону дороён буда, шогирду дӯстони бисёр дорад, хоҷагону умаро ба саломи вай меоянд ва тамоми мулкдорон ӯро ҳурмату эҳтиром мекунанд. Агар ба касе хусумате дошта бошад, таъкид месозад, ки "ту кистӣ, ту аз кадом маҳал ва аз авлоди кӣ ҳастӣ? Шогирди ту кист ва пири ту кӣ будааст?"

Мутаассифона ин зуҳуроти риёкорона дар ин ё он шакл дар ҷомеа падид омада, барои тарбияи насли наврас таъсири манфӣ мегузорад ва ҷомеаро аз шоҳроҳи саодат дур месозад. Аммо дар ҷомеа шахсони порсо ва парҳезкор низ зиёд буда, аз ин амалҳо безор ҳастанд. Шахси порсо худро андар дилу дидаи мардум ҷой мекунад ва ороста нигоҳ медорад. Вале риё, ки дар ботини инсон пӯшидааст, инсонро ба фитна мебарад ва рафиқи маҳҷурон месозад. Аз ин рӯ лозим аст, ки риёкор аз ин роҳи гирифтаи хеш парҳез кунад. Дар ин роҳ ҳеҷ кас ба ҷуз аз худи вай ба ӯ кумак карда наметавонад.

**Аввалин** қадаме, ки риёкор дар роҳи ислоҳи худ мегузорад, даст кашидан аз тамаъ ва санохонӣ мебошад.

**Дуввумин** қадами риёкор ин ҳаст, ки вай бояд роҳи ихлосро пеша гираду дил аз парокандагии халқ пок дорад. Дили хешро барои дӯстии ҳама ороста кунад. Вай бояд якҳиммату якандеш бошад, то нури фазилат ба дилаш роҳ ёбад ва иноят бар сараш резад, то аз риё халос гардад.

Дар ҳар чиз ба қаноат кардан одат карда, аз тамаъ аз молу мулки дигарон даст кашад. Шояд дар ибтидо барои риёкор ин мушкил афтад, зеро шаҳвати риё ба андозае зиёд аст, ки дар дили вай барои маърифат ҳеҷ ҷоеро холӣ нагузоштааст. Шаҳвати риё дар дилу вуҷуди вай хашмро зиёд карда, ҳалимиро пурра дур месозад. Дили инсон дар байни лашкари ғазаб ва ҳалимӣ қарор мегирад. Дар сурати ғолиб шудан шубҳаҳо барояш пайдо мешавад. Дар ин ҷо интихоб ба вуҷуд меояд: Иблис ва ё Ҳақ. Агар Ҳақ пирӯз омад риёкор ба тадриҷ аз шаҳвату васвасаи риё даст кашида, худро раҳо мекунад. Ба воситаи ҷиду ҷаҳд ва талош дар дили риёкор лаззати ахлоқу муноҷот фуруд меояд. Нияти ӯ оҳиста-оҳиста пок мегардад ва шаҳвати риё саравал аз забон, баъдан аз дилу вуҷуд дур мегардад, чунин "зери ҳар шарре хайре ҳаст".

Дар марҳилаи дигар дар дили риёкор тарс аз маломату мазаммати мардум ҷой мегирад ва зоҳиру ботини вай як мешавад. Барои худ шиор интихоб мекунад, ки "чун шаҳвати сухан андар хеш бинӣ, хомӯш бош. Ва чун шаҳвати хомӯшӣ бинӣ андар худ, сухан гӯй".

Аз риё бояд парҳез кард, зеро "риёро ҳафтод боб аст". Аз "ғори андуҳ"-и он берун омадан кори на ҳар касу нокас аст.

**А.АРДАШЕР**

# Дил ба даст овар, ки ҳаҷҷи акбар аст...

*(Ҳамовозӣ ба мақолаи рӯзноманигор Азамат Дӯстов "**Каъба чӣ равӣ, бирав дилеро дарёб…**", ҳафтономаи "Минбари халқ", 14.10.2015 сол).*

Ростӣ, дар хусуси аҳкоми Ҳаҷ дигарбора чизе навиштан намехостам. Банда ҳанӯз соли 2010 ба унвони муътабари "ҳоҷӣ" мушарраф шуда будам ва бо як ҷаҳон таассурот ба Ватан баргашта, назди хеш мақсад гузоштаам, ки доири таассуроти сафари Ҳаҷ ва сазовор будани унвони баланди "ҳоҷии Хонаи Худо" андешаҳоямро баҳри мутолиаи ҳамватанон, алалхусус ҳоҷиёни кишвар ба нашр расонам. Таҳлилҳои ҳаётӣ имкониятам доданд, ки матлаберо таҳти унвони "Бо роҳи Ҳаҷ меравем, ё бо роҳи каҷ?" ба нашрияи "Ҳақиқати Суғд" (санаи 25.10.2015 сол) пешниҳод кунам, аммо онро бо сабабҳои номаълум чоп накарданд.

Аммо ҳамин, ки дар саҳифаҳои нашрияи бонуфузтарини кишвар-"Минбари халқ" матлаби басо ҷолибу хондании рӯзноманигор Азамат Дӯстовро таҳти унвони "Каъба чӣ равӣ, бирав дилеро дарёб…" хондам, хома ба даст гирифтам, ки ман ҳам дар ин мавриди чанде аз андешаҳоямро рӯйи коғаз биёрам.

Оре, басо арзанда аст, ки матлаби мазкур бамаврид ва такя бар далелҳои аниқи ҳаётӣ рӯйи нашр омадааст. Алалхусус, навиштаи муаллиф "…ашхосе, ки ду бору се бору чаҳор бор зиёрати Хонаи Худоро мекунанду бо фахр унвони "ҳоҷии чандинкарата"-ро мегиранд, магар андешаи онро намекунанд, ки дар зодгоҳашон афроди зиёде ҳастанд, ки ба кумаки "бародарони мусалмон"-и худ ниёз доранд?!" - бамаврид буда, ҳақ ба ҷониби Азамат Дӯстов аст. Мардона бояд иқрор гардид, ки воқеан маҳз дар деҳоти манотиқи кӯҳистонии кишвар сафи афроди ҳоҷатманд зиёд аст ва ҳоҷатбарори ин бародарони мусалмон маҳз ҳоҷиён бояд бошанд. Мутаассифона онҳо дар ин амали савоб хомӯширо афзал медонанд. Дар ин маврид мақоли "ҳоҷӣ ҳоҷиро дар Макка меёбад" асоснок аст. Пас, андешаҳои муаллифро дар ин хусус сад дар сад бояд дастгириву хулосабарорӣ намоем.

Аз дигар тараф, гуфтаҳои муаллиф, чун "ҳоҷӣ-зинокор, ҳоҷӣ-дузд, ҳоҷӣ-қаллоб, ҳоҷӣ-фиребгар ва ҳоҷӣ-ғайбатчӣ" зери лавҳаи зебо гирифташуда, гумон мекунам, қадре дурушттар аст, гарчанде мутаассифона, ин гуфтаҳо асос ҳам доранд. Аз 5-6 ҳазор нафар, ки ҳамасола аз кишвари мо барои адои маросими ҳаҷ мераванд, фикр мекунам, шумораи чунин афрод набояд бузург бошад. Аммо мо, ҳоҷиёнро мебояд, ки эродҳои пеша намудаи муаллифро бо ақлу фаросат қабул намуда, пайи ислоҳи камбудиҳо бошем. Пас, такя ба ин гуфтаҳо мехоҳам чанд пешниҳод манзур бигардонам.

Аввалан, тамоми мардуми кишварро зарур аст, ки кори хайру савобро пешаи худ намуда, атрофи сиёсати созандаи Президенти ҷумҳурӣ ва Ҳукумати кишвар муттаҳид гашта, баҳри ободии Ватан ҳиссагузор бошем.

Баъдан, зарур мешуморам, ки назди мақомоти маҳаллӣ аз ҳисоби ҳоҷиён ва афроди солхӯрдаву зиёиён баҳри пешгирии амалҳои номатлуб дар ҷомеа комиссияҳои махсус ташкил гарданд, ки аъзои он таҳти назорат ва бо ҳамдастии масъулини мақомоти дахлдор фаъолияти хешро амалӣ намоянд.

Муаллиф бо таҳлили амиқи далелҳо дар охири мақола басо арзанда хулосабарорӣ намудааст; "…моро танҳо зарур аст, ки "мӯйро аз хамир" ҷудо намоем ва инсонҳоро на аз рӯйи "унвонҳои фахрӣ", балки аз рӯйи амали хайру савоб ва масоили манфиатовар буданашон дар ҷомеа баҳо диҳем…"

Банда, ки собиқаи кории зиёда аз 40-солаи омӯзгорӣ (аз ин 20 сол сарвари мактаби калонтарини деҳаи зебоманзари Ворухи ноҳияи Исфара) доштаву қадри имкон дар пешрафт ва ободии Ватан саҳмгузор будам, пурра ақидаҳои муаллифро дастгирӣ мекунам, чун барои ислоҳи ҷомеа бахшида шудаанд.

Дар охир бо қаноатмандӣ арзёбӣ менамоям, ки нашрияи бонуфузи "Минбари халқ" бо пешниҳоди матолиби ҷолибе, чун "Каъба чӣ равӣ, бирав дилеро дарёб" имрӯз воқеан ҳам ба як минбари дӯстдоштаи мардуми кишвар табдил ёфтааст.

**Абдуғаффор ҒОИБНАЗАРОВ,**
*собиқадори меҳнат, Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон, сокини 77-солаи ҷамоати Ворухи ноҳияи Исфара*


КАЪБА ЧӢ РАВӢ, БИРАВ ДИЛЕРО ДАРЁБ...

Моҳӣ дар таркибаш ба миқдори фаровон фосфор дошта, беҳтарин ғизо барои таъмини ҷисм бо ин моддаи зарурӣ ба шумор меравад.

# Моҳӣ луқмаро пок мекунад

**ФОСФОР** аз ҷумла барои мағзи сар микроэлементи хеле зарурӣ аст.

Он сохту таркиби нейронҳоро тақвият бахшида, барои фаъол будани гардиши углеводҳо дар майнаи сар муҳим дониста мешавад.

Дар сурати камбуди ин модда ҷараёни ивазшавии углеводҳо халалдор хоҳад шуд, чунки мағз аз кислород маҳрум мемонад.

Муҳаққиқон таъмини мағзи сар бо фосфорро кафолати фаъолияти муносибу дурусти мағзи сари одам медонанд.

Камбуди ин модда дар ин қисмати ҷисми инсон боиси рӯҳафтодагӣ, асабоният ва фаромӯшхотирӣ мешавад.

Бинобар ин ворид кардани истеъмоли моҳӣ ба ҷадвали ғизоҳои худ як омили таъмини саломатии шумо хоҳад буд.

Фосфор яке аз моддаҳои ба ҷисми инсон зарурӣ аст, ки ин ҷонвари обӣ дар таркиби худ фаровон дорад.

Дар таркиби гӯшти моҳӣ элементҳои дигари арзишманд низ мавҷуд аст.

Аз ҷумла моҳии фарбеҳ дорои хосиятҳои бисёре аст, ки бо истеъмоли он ҳар шахс дар баробари таъмини роҳат ва гуворои меъда ҳамчунин фоидаҳои дигарро мегирад. Чарбии моҳӣ барои тақвияти нури чашм ва кори дил фоида дорад.

Дар таркиби ин гуна моҳиҳо кислотаи Омега-3 мавҷуд буда, ба тамоми организми одам таъсири мусбат ворид мекунад.

Раванди инкишофи атеросклерозро суст мекунад, бофтаҳои асабро дар бахши марказ ба фаъолияти бештар ташвиқ месозад.

Мағзро фаъолу мустаҳкам карда, беҳавсалагиро коҳиш медиҳад.

Ин ҷо аз дигар фоидаҳои гӯшти моҳӣ суҳбат кардан ҳам ба маврид мебошад.

Дар таркиби он витаминҳои А, Д, Е, элементҳои оҳан, магний ва калсий ҳам мавҷуд аст. Ин моддаву элементҳо бештар дар моҳиҳои парваришшуда дар баҳру дарёҳо, ки оби сард доранд, бештар аст.

Моҳиро ба ҳар шакл пухта истеъмол мекунанд.

Аммо дар ҳунари таббохӣ чанд тарзи нисбатан муфид роиҷ шудааст.



**ЯК ТАРЗИ ПУХТАНИ МОҲӢ ИН АСТ:**

***1-2 моҳии тозашуда;***

***2 сар пиёз;***

***200 грамм магзи чормагз;***

***2 қошуқ нони хушки куфташуда;***

***4 қошуқ равған;***

***2 дона тухми мург;***

***2 қошуқ гашнич ва шибит (укроп)-и сабзи резашуда ва ё анвои гиёҳони хушбӯи хушки куфташуда;***

***Намак ба қадри дилхоҳ.***

Моҳиро пас аз шустан реза ва дар тоба гузошта каме бирён мекунем (аввал бирён ва баъд реза кардан ҳам мумкин аст).

Болои моҳии каме бирёншуда пиёзро реза карда мерезем ва боз андаке бирён мекунем.

Пас аз он чормағз, нони хушки куфта шуда ва тухми пухтаи резашударо омехта бо кабудӣ болои моҳӣ мепошем.

Моҳиро барои он ки хосиятҳояшро зиёд гум накунад дар ҳарорати 190 дараҷа 20-25 дақиқа дар тафдон пухтан лозим аст.

Ғизои ба ин шева таҳияшударо барои тақвияти мағзи сар ва ҳофизаи инсон хеле муҳим медонанд.

Агарчӣ баъзеҳо моҳиро бинобар бӯи хос доштанаш чандон хуш надоранд, вале барои тақвияти ҷисму ҳифзи саломатии худ лозим аст, ки аз он ҳазар накунем. Гоҳ-гоҳе ҳам бошад ба қадри имкону тавони худ истеъмол намоем.

**Таҳияи С. ЮСУФ**

---

**ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА**

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | О | ■ | ■ | А | ■ | ■ | А | ■ | И | ■ | Ё | ■ | ■ | К |
| ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | С | И | Ё | С | А | Т | Ш | И | Н | О | С | ■ | ■ | О |
| ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | И | ■ | ■ | П | ■ | А | ■ | Е | ■ | ■ | И | Н | А | К |
| ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | М | У | Р | И | ■ | Б | Е | Н | З | И | Н | ■ | ■ | У |
| Д | О | Р | Б | О | З | И | ■ | ■ | Р | Т | Р | ■ | А | ■ | З | ■ | А | Д | Л |
| ■ | ■ | А | ■ | ■ | А | ■ | ■ | ■ | И | ■ | Е | ■ | ■ | К | О | Ф | ■ | О | ■ |
| ■ | ■ | С | А | В | Р | ■ | З | А | Н | О | З | А | Н | И | ■ | А | ■ | Й | ■ |
| Б | ■ | У | ■ | ■ | Д | У | О | ■ | ■ | Ч | ■ | Н | ■ | М | А | Н | И | Л | А |
| А | С | Л | И | ■ | О | ■ | Ғ | А | Л | А | Б | А | ■ | Ё | ■ | ■ | ■ | ■ | Н |
| Н | ■ | ■ | К | ■ | Л | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Т | А | Г | ■ | ■ | ■ | ■ | Е |
| Г | А | Л | С | Т | У | К | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | О | ■ | А | ■ | ■ | ■ | ■ | К |
| К | ■ | И | ■ | И | ■ | И | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | М | У | Р | ■ | ■ | ■ | ■ | Д |
| О | ■ | О | ■ | Р | ■ | Е | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | И | ■ | О | ■ | ■ | ■ | ■ | О |
| К | О | Н | С | Е | Р | В | А | Т | О | Р | И | Я | ■ | В | А | С | И | Я | Т |

Нуқтаи ...и асъор

Сокини пойтахти Тоҷикистон

Бухгалтер (тоҷикӣ)

Ҷалол ..., нависанда

Бемашғулият

Ҳиссаи нутқ, ном

Додар (лаҳҷ.)

Яке аз қаҳрамонҳои "Шоҳнома"

Безарар

Қисми шарқии Авруосиё

Давлати Марадона ва Месси дар Амрикои Ҷанубӣ

Ҳиссачаи тасдиқӣ

«Ҳоло ...», филми тасвирӣ

Амрико пеш аз Афғонистон ба он ҳуҷум кард

ИМА ба русӣ

...-2109 (лада)

Миллати мисриён ва ямониҳо

Лавозимоти таркандa, норинҷак (русӣ)

Хуч, насрин

Дунё, ҷаҳон

Шоир ... Сафар

«Ҷазираи озодӣ» дар баҳри Кариб

Номи дарёи Панҷ дар поёнобаш

Тиреза, мӯрӣ

Навъи шафтолуи бемӯяк

Қисми автомобил

Пешмузд (русӣ)

Ҷонишини ишоратӣ

Биҳишт

Яке аз чор ёрони пайғамбар (с)

Соҳибкори ба тиҷорат машғул

Дар он бо бӯр менависанд

Паррандаи сайдхӯр

Вобаста, доир

Муқобили «ҷуфт»

Муқобили душман

... Чехов, драматурги рус

Ситам, зулм

Ғорат, яғмо

Молхона

Фарбеҳ

Расму оин

Парлумони Украина

Ададҳи хурдтарини серақама

Озор, машаққат

Пойтахти Англия

Ҳарфи алифбои арабӣ

Ҳаммаънои «даста», «команда»

Холӣ, маҳрум

Тамғаи телефонҳои мобилӣ



## Ин аҷиб аст

# ИСКАНДАРИ МАҚДУНӢ БОРЕ ҲАМ МАҒЛУБ НАШУДААСТ

u Навиштаи "аз холестерин орӣ аст", ки дар равғанҳои рустанӣ дида мешавад, тарғиботе беш нест. Холестерин метавонад танҳо дар равғанҳои ҳайвон бошад. Ғайр аз ин зарари холестерин аз ҳад зиёд муболиға мешавад, чун бо ғизо мо танҳо 20% ин моддаи ҳаётан муҳимро ба даст оварда, 80% дигарро бадани худи мо таъмин мекунад.

u Туннели (нақби) автомобилии аз ҳама дарозтарини олам дар Норвегия аст, ки Лердал ном дорад. Дарозии он 25 км аст.

u Тӯфони дараҷаи баландтарини 5-ум тӯли як рӯз ҳамон қадар энергияро тавлид мекунад, ки инсоният давоми 70 сол истифода барад.

u Асосгузорони ду ширкати рақиби олмонии истеҳсолкунандаи либоси варзишӣ- Adidas ва Puma бародарони ҳамхун Адолф ва Рудолф Дасслерҳо буданд.

u Агар рӯзи якуми моҳ якшанбе бошад, пас санаи 13-ум ба рӯзи ҷумъа рост меояд.

u Аз рӯи содир намудани ҳолати худкушӣ Литва дар ҷаҳон мақоми аввалро касб кардааст- 42 ҳолати қасди худкушӣ ба 100 ҳазор аҳолӣ. Ин 14 маротиба аз содироти чунин ҳолат дар Юнон зиёд аст.

u Номи аз ҳама паҳншуда дар олам Муҳаммад аст.

u Дар замони ҷанги Иттиҳоди Шӯравӣ бо Финляндия "хатти Манергейм" муддати ду моҳ ҳуҷуми артиши шӯравиро бо 425 ҳазор сарбоз, 2900 танк ва 3000 тайёраи ҷангӣ боздошта буд.

u Намояндаи калонтарини оилаи гурбашаклҳо на шер, балки паланги амурист.Дарозии бадани он то думаш ба 4 метр расида, вазнаш то 300 килограмм аст.Дар Чин барои куштани паланги амурӣ ҳукми қатл пешбинӣ шудааст.

u Соли 1980 артиши шӯравӣ 68 ҳазор танк дошт. Ҳамон замон дар ихтиёри артиши ИМА 11 ҳазору 800 танк буд.

u Қабристони аз ҳама калонтарини олам гӯристони Олсдорф дар шаҳри Ҳамбурги Олмон аст. Дар он 1,4 миллион қабр буда, дохилаш 2 хатсайри мусофирбар бо 25 истгоҳ фаъолият дорад.

u Шаҳри Венетсияро одатан пойтахти пулҳои Аврупо меноманд. Аммо Венетсия дорои 398 пул буда, айни замон Амстердам 1280 ва Ҳамбург зиёда аз 2400 пул доранд.

u Австралия ягона қитъаест, ки дар он ҷо намудҳои морҳои заҳрдор аз безаҳр зиёд ҳастанд.

u Ақидае, ки шутурмурғҳо дар сурати хатар сарашонро зери рег мекунанд, нодуруст аст: дар ҳолатҳои хавфнок онҳо мегурезанд ва суръати давашон то 70 км дар як соат мерасад.

u Кӯҳи баландтарини ҷаҳон Эверест нест. Агар баландиро аз қишри замин то қулла ҳисоб кунем, пас вулқони Мауна-Кеа дар ҷазираҳои Ҳавай кӯҳи балантарини ҷаҳон маҳсуб меёбад. Баландии он зиёда аз 10 километр аст. Вале танҳо 4245 метри он аз сатҳи баҳр боло аст.

u Искандари Мақдунӣ (саҳеҳтараш Александри Македонӣ) тӯли 16 соли ҳукмрониаш ягон маротиба дар набардҳо мағлуб нашудааст. Ӯ



дар ҳар як задухӯрди сершумор шахсан иштирок карда, бисёр вақт ҷароҳатҳои вазнин бардоштааст. Аммо дар синни 32-солагӣ аз бемории малярия вафот кардааст.

**Д.АЗАМАТ**

*Давом дорад*







**u Агар аз муҳимтарин воқеоти кишвар ва ҷаҳон огоҳ шудан хоҳед,**

**u Агар бо чеҳраҳои мондагори сиёсиву фарҳангӣ ва таърихӣ аз наздик ошно шудан хоҳед,**

**u Агар аз дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо воқиф шудан хоҳед,**

**u Агар ба мушкилот ва масъалаҳои доғу мубрами ватани худ бетараф нестед,**

**u Агар мавқеи ҲХДТ-ро дар ҷомеа устувор дидан хоҳед, пас,**

**ба ҳафтаномаи**

**МИНБАРИ ХАЛҚ обуна шавед!**

**МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!**

Маблағи обуна ба ҳафтанома 90 сомониро ташкил дода, метавонед онро ба тариқи нақдӣ ва ғайринақдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...



**СУРАТҲИСОБИ МО:**

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНН** 020001728,
**С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264
**МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти
БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**

**СУРОҒАИ МО:** ш. Душанбе, маҷмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.
**ТЕЛЕФОН: 224-49-29, 224-83-72**


**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Дафтарчаи имтиҳонотии №2012/156, ки ба донишҷӯи курси 4 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон факултети менеҷемент ва ҳуқуқи молиявӣ Чарқулов Фирӯз Фарҳодович тааллуқ дорад, аз эътибор соқит дониста шавад.

**Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ бинобар даргузашти нобаҳангоми муовини раис - мудири шуъбаи ташкилии КИ ҲХДТ дар ноҳияи Рӯдакӣ**

**Қурбонов Холиқ Маҳмудович**

**сахт андуҳгин буда, ба пайвандони марҳум аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил мехоҳанд.**

**Кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Усмонов Орифҷон Олимович бинобар даргузашти**

**МОДАРАШ**

**ҳамдардӣ изҳор намуда, ба наздикон ва пайвандонаш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.**


**Доир ба масъалаҳои реклама, PR-мақола ва эълон дар ҳафтанома ба рақами 93-505-00-46 занг занед. Масъули бахш Набӣ Юсупов**



МИНБАРИ ХАЛҚ
НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**

| Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - | Идораи рӯзнома |
|---|---|
| *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59* | *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94* |

**www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 48952 нусха**



Навбатдор: С.ЮСУФОВ